# КАЛОМИ Ӯ ҲАҚИҚАТ АСТ

**Курси ғоибонаи Аммоус**

**КАЛОМИ Ӯ ҲАҚИҚАТ АСТ**
**Вилям Макдоналд**

**Далелҳои илҳоми илоҳӣ доштани Китоби Муқаддас**

Тамоми ҳуқуқҳои ин курс ҳифз шудаанд. Ҳеҷ як қисми онро (бо зимни нусхабардорӣ) бе иҷозати хаттӣ чоп кардан мумкин нест. Барои иқтибосҳо дар мақолаҳои танқидӣ ва бознигариҳо иҷозат даркор нест.

**Матни асл аз Вилям Макдоналд**
Ҳамчун курси ғоибона аз ҷониби Мактаби ғоибонаи "Аммоус" инкишоф дода шудааст, ки хизматгузории густурдаи Коллеҷи библиявии "Аммоус" буда, соли 1941 таъсис ёфтааст.

Донишҷӯи азиз:

Шуморо ба “Аммоус” хайра мақдам мегӯем. Мо, ҳайати Маркази библиявии “Аммоус”, хушнудем, ки шумо ба омӯзиши Китоби Муқаддас рағбат пайдо намудаед. Курсҳои ғоибонаи библиявии мо муқаддимаи хубе ба Китоби Муқаддас пешкаш намуда, шуморо аз байни бисёр ҳақиқатҳои бузурги он (наҷот, нумӯи масеҳиёна, таълимот) роҳнамоӣ мекунанд. Курсҳои мо барои он тартиб дода шудаанд, ки шумо Навиштаҳоро хонда, дар зиндагии ҳаррӯза бо Худованд қадамгузор шавед ва бо Худованд Исои Масеҳ муносибатҳои шахсӣ пайдо намуда, чун масеҳии вафодор зиндагӣ карда тавонед.

ЧӢ ГУНА ОМӮХТАН ДАРКОР АСТ

Аз Худо хоҳиш кунед, то дилатонро барои қабул намудани ҳақиқатҳое ки Ӯ аз Каломи Худ ба шумо ёд медиҳад, боз намояд. Матнро ду бор хонда бароед, бори аввал тез – барои фаҳмидани мазмуни асосӣ, ва бори дуюм оҳистатар, ва ҳангоме ки дарсро бори дуюм мехонед, ҳамаи ишораҳоро дар Китоби Муқаддаси худ пайдо намоед.

ИМТИҲОНҲО

Мо формати курсҳоро аз нав дида баромадем, ва дигар ба китобҳои курс имтиҳонҳоро ҳамроҳ намекунем. Ба ҷои он мо имтиҳонҳоро дар дафтари алоҳида чоп мекунем.
Хоҳиш менамоем, ки ба ҳамаи саволҳои ҳар як имтиҳон ҷавоб диҳед. Ба савол мувофиқи фикри худ ё чуноне ки ҳамеша меҳисобидед, ҷавоб надиҳед. Саволҳои тест барои фаҳмидани он ба нақша гирифта шудаанд, ки оё шумо оятҳои Навиштаҳоро, ки дар дарс дода шудаанд, фаҳмидед ё не. Мо умедворем, ки шумо барои ба саволҳои дарс ҷавоб додан Китоби Муқаддас ва китоби дарсии худро истифода мебаред.
Дар буклети алоҳидаи ин курси Китоби Муқаддас 12 дарс ҳаст. Баъди омӯхтани дарси 1 шумо бояд ба буклети имтиҳонҳо рӯ оварда, ба саволҳои имтиҳони 1 ҷавоб диҳед. Сипас бо дарсҳои боқимонда низ ҳамон тавр кунед. ТО ДАМЕ КИ ТАМОМИ 12 ДАРСРО БА АНҶОМ НАРАСОНЕД, ДАФТАРИ

ИМТИҲОНҲОРО БА МАРКАЗИ БИБЛИЯВИИ ”АММОУС“ НАФИРИСТЕД.

Хоҳишмандем, ки ном, рақами шиноснома, ва нишонии худро дар дафтари имтиҳонҳо возеҳ нависед. Сипас, баъди он ки ҳамаи имтиҳонҳо ба анҷом мерасанд, тамоми дафтари имтиҳонҳоро ба Маркази библиявии “Аммоус” ба нишоние ки дар дафтари имтиҳонҳо сабт шудааст, фиристед.

Ҳангоме ки шумо дафтари имтиҳонҳои худро ба мо барои тафтиш мефиристед, хоҳишмандем дар даруни он лифофаеро бо нишонии худ ва бо марка фиристед, то ки мо имтиҳонҳои тафтишшударо ба шумо баргардонда тавонем.

Агар шумо дар имтиҳони худ ақаллан 70% балл гиред, мо ҳангоми ба шумо баргардондани дафтари тафтишшудаи имтиҳонҳоятон шаҳодатномаи дастовардатонро барои ҳар як курсе ки бо муваффақият анҷом додаед, мефиристем. Пас аз он ки шумо 12 курси пурраро бо муваффақият анҷом медиҳед, мо ба шумо Шаҳодатномаи хатми 12 курсро мефиристем.

САВОЛҲОИ ШУМО

Хоҳишмандем саволҳои “Шумо ба ин чӣ мегӯед”-ро ба анҷом расонед, зеро онҳо ба дастурдиҳандае ки имтиҳони шуморо тафтиш мекунад, имкон медиҳанд, то шуморо ҳамчун шахсият беҳтар шиносад. Ҳамчунин, агар шумо оиди Китоби Муқаддас, Худо, ё дигар мавзӯъҳои рӯҳонӣ саволҳо дошта бошед, дар вараќи алоҳида навишта, ба имтиҳонҳои анҷомдодаатон ҳамроҳ кунед. Мо кӯшиш мекунем ба саволҳои шумо аз Китоби Муқаддас ҷавоб диҳем.

Мо умедворем, ки омӯзиши Каломи Худо бароятон ҳақиқатан судманд хоҳад буд, ва мо ҳангоми омӯзиши шумо бароятон дуо мекунем. Хоҳишмандем ба дӯстонатон низ оиди курсҳои Маркази библиявии “Аммоус” бигӯед ва онҳоро водор намоед, ки ҳамчунин ин курсҳоро омӯзанд. Мо бесаброна интизори он ҳастем, ки имтиҳонҳои ба анҷом расондаи худро ба мо бифиристед. Бигузор Худо ба шумо дар омӯзиши Каломи Ӯ баракат диҳад.

*Бо камоли самимият,*
*Ҷеймс В. Ҷиллетт*

**ДАРСИ 1**

# Китоби Муқаддас Каломи Худост

Ҳар касе ки воқеан ба Худованд Исои Масеҳ имон дорад, он ҳақиқатро қабул медорад, ки Китоби Муқаддас илҳоми илоҳӣ дорад ва бехатост, бинобар ин Каломи комилан боэътибори Худост. Маҳз ба воситаи ҳамин Китоб масеҳии ҳақиқӣ эҳтиёҷи худро чун гуноҳкори гумроҳ дарк намудааст, ва роҳи наҷотро ба воситаи бовар ба қурбонии ивазкунандаи Писари Худо, чун Наҷоткори худ қабул намудани Ӯ ва чун Худованди ҳаёти худ эътироф намудани Ӯ фаҳмидааст (Румиён 10:1-17).

Ӯ ҳамчунин дарк хоҳад кард, ки дар ҷаҳони беимон умр ба сар мебарад. Дертар ӯро дар синф, корхона, фабрика, хобгоҳ оиди ҳаққонияти Навиштаҳои Муқаддас ба майдон хоҳанд талабид. Бинобар ин ӯ бояд омода бошад, ки на танҳо оиди Масеҳ гувоҳӣ диҳад, балки ба ҳар касе ки дар бораи сабаби умедаш пурсон шавад, ҷавоб диҳад, ки Китоби Муқаддас ҳақиқатан ҳамон аст, ки оиди худ мегӯяд – Каломи Худо (1Петрус 3:15).

Хуб гуфта шудааст, ки «имон, агар далел надошта бошад ҳам, бедалел нест». Бояд гуфт, ки имон ҳеҷ гоҳ ба он чи Худо дар Каломи Худ ошкор намудааст, шубҳа надорад, ва ҳамаи он чи Худо ишкор намудааст, комилан асоснок аст, ва Худо тамоми дониш ва қудратро дорост. Касе ин матлабро чунин баён намудааст: «Атеист *далел* дорад, аммо барои *далел*и худ *умед* надорад. Дурӯя *умед* дорад, аммо барои *умед*и худ *далел* надорад. Масеҳӣ ҳам *далел* барои *умед*и худ ва ҳам *умед* барои *далел*и худ дорад!»

МАЪНИДОДИ ИЛҲОМИ ИЛОҲӢ

Истилоҳи истифодашавандаро маънидод кардан ҳамеша хуб аст, то оиди маънои ҳақиқии он нофаҳмиҳо рӯй надиҳанд. Пас ибораи «Илҳоми илоҳӣ доштани Навиштаҳо» чӣ маъно дорад. Яке аз маънидодҳое ки ин ҳақиқати бузургро тасвия медиҳад (ва онро ҳар масеҳӣ бояд аз ёд кунад), дар 2Тимотиюс 3:16,17 дода шудааст: «Тамоми Навиштаҳо аз рӯи илҳоми илоҳист ва барои омӯзиш, барои мазаммат, барои ислоҳ, барои ҳидоят ба роҳи адолат

фоиданок аст, то ки марди Худо комил гардида, ба ҳар амали нек муҳайё бошад». Ибораи «илҳоми илоҳӣ» дар забони юнонӣ бо калимаи «theopneustos» ифода меёбад, ки маънояш «аз ҷониби Худо нафас дамидашуда» аст. Чуноне ки Худо ҳангоми офаридани одам «ба бинии вай нафаси ҳаёт дамид, ва одам ҷони зинда шуд», ҳамон гуна Ӯ ба Навиштаҳои Муқаддас нафас дамидааст, то он китоби зинда гардад (Ҳастӣ 2:7; бо Ибриён 4:12 муқоиса кунед).

Пас бо калимаи «илҳом» мо дар назар дорем, ки Рӯҳи Пок касонеро, ки Ӯ бар онҳо фуруд омадааст (агарчи онҳоро аз фардияти шахсӣ маҳрум накардааст), чунон фаро гирифта, қувват бахшидааст, ки ҳар он чи онҳо зери назорати Ӯ навиштаанд, *маҳз суханони Худи Худо мебошанд*. (Бо диққат хонед ва қайд намоед: 2Петрус 1:21; 1Қӯринтиён 2:13; 2Подшоҳон 23:2; Ибриён 3:7; Аъмол 28:25).

Метавон чунин хулоса баровард: Худо, ки ба одам қобилияти ба дигарон ба воситаи маънои калимаҳо расондани фикрро додааст, ҳамчунин метавонад фикрҳои Худро ба воситаи маънои калимаҳо ба офаридаҳои Худ расонад. Ба одамон расонида шудани фикрҳои Худо дар Китоби Муқаддас дида мешавад. Дар ин китоб ибораҳои «ва Худо гуфт»; «Ва Худованд чунин мегӯяд»; «Худо ҳамаи ин суханонро гуфт» ба таври фаровон вомехӯранд.

ДАЛЕЛИ ИЛҲОМИ ИЛОҲӢ ДОШТАНИ ОН

Устуворона ва далерона қабул намудани илҳоми илоҳии Китоби Муқаддас як чиз аст ва ба касе *исбот намудани* ин ҳақиқат – чизи дигар. Ин курс барои он тартиб дода шудааст, ки имондор бо мавод барои чунин исботи аниқ таъмин карда шавад, ҳам барои дилпурии худ ва ҳам барои бовар кунондани касоне ки далелҳои имони ӯро зери шубҳа мегузоранд.

Масеҳӣ метавонад ба мунаққид гӯяд, ки «Ман бовар мекунам, ки Китоби Муқаддас Каломи дорои илҳоми илоҳӣ аст», ва чунин ҷавобро шунавад: «Аммо чизе ки ту мегӯӣ, исбот намекунад, ки ин ҳамин тавр аст!» Агар гӯед, ки бисёр шахсони маъруф ба Каломи Худо будани Китоби Муқаддас бовар доштанд, чунин ҷавобро шунида метавонед: «Онҳо хато карданд, чунки “хато кардан хоси инсонҳост”». Агар ба он ишора кунед, ки Каломи Худо дар тамоми ҷаҳон тарҷума ва паҳн шудааст, метавонед ба чунин эътироз рӯ ба рӯ шавед: «Аммо ин илҳоми илоҳӣ доштани онро исбот намекунад. Пеш аз он ки ман онро чун

Каломи Худо қабул намоям, мехоҳам далели аниқ ва бегумонро шунавам». Имондор чӣ тавр ин гуна далелро бояд пешкаш намояд?

Дар ин масъала мо ба се савол рӯ ба рӯ мешавем. (1) Оё чунин ваҳй аз ҷониби Худо *имконпазир* аст? Дигар хел карда гӯем, оё Худо, ки одамро офаридааст, метавонад бо ӯ муошират кунад? Ҷавоб тасдиқӣ аст: «Ҳа». (2) Оё чунин ваҳй *эҳтимолӣ* аст? Оё метавонем хулоса барорем, ки Офаридгор мехост фикрҳо ва хости Худро ба мавҷуде ки Худаш ӯро офаридааст, расонад? Боз ҳам ҷавоб тасдиқӣ аст. (3) Оё чунин ваҳй *амалишаванда* аст? Худи Китоби Муқаддас имкон намедиҳад, ки дар ин бобат шубҳа дошта бошем, зеро он возеҳан эълон менамояд, ки каломи Худост.

Аммо метавон эътироз намуд, ки изҳори Китоби Муқаддас оиди илҳоми илоҳӣ доштани худ исбот намекунад, ки ин чунин аст. Шумо чӣ гуна исбот карда метавонед, ки ин рост аст? Ҷавоб хеле осон аст: *худи Китоби Муқаддас далели беҳтарин аст*. Ҳангоме аз як ходими барҷастаи Масеҳ пурсиданд, ки ӯ ба Каломи Худо будани Китоби Муқаддас чӣ гуна боварӣ ҳосил намуд, ӯ ҷавоб дод: «Чунки ман онро хондам». Дигар хел карда гӯем, ӯ дар худи китоб далели кофии аслӣ будани онро пайдо намуд.

Биёед дар ин бора андешаронӣ мекунем. Агар Китоби Муқаддас Каломи Худо бошад, пас он бояд ваҳйи боэътибортарини олам бошад. Он бояд дар боварибахшӣ олитарин бошад. Он барои исботи ҳаққонияти худ ғайр аз худ ба ягон чизи берунӣ вобаста буда наметавонист; вагарна ин сарчашмаи берунӣ аз худи Каломи Худо боэътибортар мебуд. Аён аст, ки ин ғайриимкон аст.

Худо Шахсияти бузургтарини олам аст. Каломи Ӯ мутлақ, ниҳоӣ ва комил аст. Далели муҳимтарини он чиро, ки Ӯ гуфтааст, дар худи калимаҳо бояд пайдо кард. Ин ҳақиқат дар Ибриён 6:13 нишон дода шудааст: «Зеро, вақте ки Худо ба Иброҳим ваъда дод, азбаски ба каси бузургтаре наметавонист қасам ёд кунад, ба Зоти Худ қасам ёд кард». Дигар хел карда гӯем, Худо барои тасдиқи суханонаш шахсияти аз Худ бонуфузтареро пайдо накард. Он чи Ӯ мегӯяд, ҳақиқат аст, зеро Ӯ Худост. Ҳангоме ки Ӯ гап мезанад, ҳаққонияти суханони Ӯро асосан дар худи суханон бояд пайдо кард.

Ин маънои онро надорад, ки барои исботи Каломи Худо будани Китоби Муқаддас далелҳои дигар нестанд. Дар таърих, дар

пешгӯиҳо ва дар илм, ки дуруст фаҳмида шудааст, чунин далелҳо бисёр вомехӯранд. Мо онҳоро далелҳои берунии илҳоми илоҳӣ меномем. Табиист, ки ҳақиқати Каломи Худо бояд дар офариниши Худо ва пешбинии Ӯ тасдиқ карда шавад. Аммо ин далелҳо дуюмдарача мебошанд. Далели бузургтарини Китоби Муқаддас худи Китоби Муқаддас аст.

Дар саҳифаҳои минбаъда мо нишон медиҳем, ки чӣ гуна Китоби Муқаддас далелҳо дорад ва чӣ гуна он бо гувоҳиҳои беруна тасдиқ карда шудааст. Инак баъзе ҳуҷҷату далелҳо: тасвири ҳаёти Худованд Исои Масеҳ, насабномаи Худованд Исои Масеҳ, пешгӯиҳои иҷрошуда ва нақшаи инҷилии наҷот. Пеш аз он ки ба дида баромадани ин далелҳо сар кунем, мушкилие ҳаст, ки метавон дар аввал ба он рӯ ба рӯ шуд, ва ин ба дастнависҳои аслии Китоби Муқаддас дахл дорад.

## ДАСТНАВИСҲОИ АСЛӢ ДАР КУҶОЯНД?

Ҳангоме мо мегӯем, ки Китоби Муқаддас даҳонӣ талқин карда шудааст (ё суханон аниқ талқин карда шудаанд), мо ба замони навишта шудани он мурочиат мекунем. Мо бовар дорем, ки он дар дастнависҳои аслии худ бехатост. Мунаққидони мо дарҳол аз мо мепурсанд, ки «ҳоло ин дастнависҳои аслӣ дар куҷоянд?» ва мо бояд чавоб диҳем, ки намедонем. Бо кадом як сабаб Худо барои одамон нигоҳ доштани онро савовор наҳисобид, шояд барои пешгирии парастидани ин дастнависҳо.

Аммо оё ин маънои онро дорад, ки ҳоло мо ба нусхаҳои гуногуни Китоби Муқаддас боварӣ дошта наметавонем. Ҳаргиз чунин нест. Агарчи мо дастнависҳои аслиро надорем, нусхаҳои зиёде дорем, ки дар тӯли асрҳо боқӣ мондаанд. Байни ин нусхаҳои дастнавис фарқҳои ночиз ҳастанд, аммо чизи асосӣ он аст, ки *онҳо дар масъалаи таълимотҳои асосии имон ба ҳам мувофиқат доранд*. Во вучуди фарқиятҳо дар нусхаҳо, ягон доктринаи масеҳият ба ояти баҳснок вобаста нест.

Масалан, ҳуччати аслии Эъломияи Истиқлол чандин сол пас аз навишта шудани он тасодуфан дар анборхонаи Капитолий ёфт шуд; аммо он, вучуди арзиши роматикиаш, зарурате надорад, зеро садҳо нусхаҳои он амал мекунанд, ки ин исботи мавҷудияти дастнависи аслӣ аст, ки нусхаҳо аз он нусхабардорӣ шудаанд. Бо дастнависҳои аслии Китоби Муқаддас низ ҳамин тавр аст. Нусхаҳои зиёд исботи мавчудияти дастнависи аслӣ мебошанд.

Ҳангоме ки Худованд Исо дар рӯи замин буд, Ӯ нусхаи Паймони Куҳанро, ки Септуагинта ном дорад, истифода мебурд. Он тарҷумаи Паймони Куҳан аз ибронӣ ба юнонӣ аст, ки дусад сол пеш аз Масеҳ тарҷума шудааст. Байни Септуагинта ва нусхаи ибронӣ фарқиятҳои ночиз ҳастанд – фарқиятҳое ки дар натиҷаи худи амали тарҷума ба он ворид шудаанд, – бо вуҷуди ин Худованд Септуагинтаро чун Каломи Худо истифода мебурд. (Ниг. Матто 22:31, 32.) Айнан ҳамин тавр мо метавонем аксари нусхаҳои Китоби Муқаддасро, ки ҳоло дорем, қабул кунем, ва ба Каломи Худо буданашон боварии комил дошта, истифода барем.

Шодравон доктор Ҳендлӣ Мул чунин гуфтааст: «Ҳангоме Худованди ман Масеҳ бароям воқеияти зинда ва баҳснопазир гардид, яке аз аввалин кашфиётҳое ки ба ман хеле ёрӣ расонданд, ин буд: *Ӯ БА КИТОБИ МУҚАДДАС БОВАРИИ КОМИЛ ДОШТ*; ва агарчи баъзе чизҳои маънидонашавандаи он барои ман нофаҳмоянд, ман на кӯр-кӯрона, балки аз рӯи эҳтиром, ба хотири Ӯ ба Китоби Муқаддас боварӣ мекунам»*.

Т. Динсдейли хурдӣ бо ин суханон самимона розӣ мешавад: «Худованди мо Исои Масеҳ ҳаққонияти Китоби Муқаддасро тасдиқ мекунад, ва ин барои имондор исботи баҳснопазирии он аст. Ҳар он чи *Ӯ* мегӯяд, бояд дуруст бошад. Қарорҳои Ӯ қатъӣ мебошанд. Ҳаққонияти Китоби Муқаддасро тасдиқ намудани Масеҳ хеле таъсирбахш аст. Ӯ зиёда аз 400 бор ба Паймони Куҳан муроҷиат мекунад. Боз кадом гувоҳиҳо ба мо даркоранд? Барои мо Исои Масеҳ Худост. Ҳар он чи Ӯ оиди Китоби Муқаддас мегӯяд, барои мо анҷоми ҳама гуна ихтилофот аст»*.

*Ҳангоме ки тайёр мешавед, ба саволҳои дарси 1 дар дафтари имтиҳонӣ ҷавоб диҳед.*
*Илтимос, то даме ки ба саволҳои ҳамаи дарсҳо ҷавоб надиҳед, ин маводро барои тафтиш нафиристед.*

**ДАРСИ 2**

* Иқтибос аз Поллок, А.Ҷ. *Is the Bible iInspired of God?* (London Central Bible Truth Depot), p. 13.
* *The Unveiled Evangel* (London: Epworth Press, no date given), pp, 151, 152.

# Дигар далелҳо барои Китоби Муқаддас

Бе муболиға, ҳар як саҳифаи Китоби Муқаддас пур аз «мувофиқатҳои беихтиёр» ва «гувоҳиҳои беихтиёр»и он аст, ки он ҳақиқатан Китоби Худост. Пеш аз ҳама мо ин чизҳоро аз назар мегузаронем:

**ЯГОНАГИИ КИТОБИ МУҚАДДАС**

Яке аз далелҳои ҳайратовари илҳоми илоҳӣ доштани Китоби Муқаддас ягонагии он аст. Агар онро як кас дар давоми якчанд сол менавишт, ба ҳам пурра мувофиқат доштани қисмҳои алоҳидаи он боиси ҳайрат намебуд. Аммо ба як ҳақиқати оддӣ оиди навишта шудани Китоби Муқаддас аҳамият диҳед. Шасту шаш китоби онро камаш чил нафар одамони гуногун навиштаанд. Ин одамон дар як вақт ва як макон зиндагӣ накардаанд, бинобар ин байни онҳо ҳамкорӣ буда наметавонист. Масалан, Мусо, тақрибан 1500 сол пеш аз милоди Масеҳ ба навиштани Китоби Муқаддас сар кард, фириста Юҳанно бошад Паймони Навинро тақрибан дар соли 96-и пас аз милод ба анҷом расонд. Қисмҳои Китоби Муқаддас дар маҳалҳои аз ҳам хеле дур, ба мисли Бобил ва Рум, навишта шудаанд. Китоби Муқаддас ба се забони гуногун – ибронӣ, арамӣ ва юнонӣ – навишта шудааст. Ғайр аз ин, он ба услубҳои адабии гуногун ва аз нуқтаҳои назари гуногун навишта шудааст. Он наср ва назм, ҳуқуқ, таърих, фалсафа, таълимот, пешгӯӣ ва панду насиҳатро дар бар мегирад.

Бо вуҷуди ин фарқиятҳо, Китоби Муқаддас як қиссаи мукаммал буда, қисмҳои он ба ҳам мувофиқати баҳснопазир доранд. Ҳеҷ кадоме аз нависандагони он ба дигаре ихтилоф надорад. Хоҳ масъалаи Масеҳ бошад, хоҳ дуо, роҳнамоӣ ё воқеаҳои оянда, таълимот пайиҳам ва пурракунанда аст. Дар он такрори нодаркор дида намешавад. Ҳамаи қисмҳо як умумияти муназзамро ташкил медиҳанд.

Инро чӣ гуна маънидод кардан мумкин аст? Азбаски чунин ягонагии ҳайратоварро бо омили инсонӣ маънидод кардан ғайриимкон аст, пас мантиқан бармеояд, ки Худо нависандагони онро дар корашон роҳнамоӣ мекард. Дар паси ин одамон бояд Муаллифе бошад, ки садсолаҳои навишта шудани Китоби

Муқаддасро фаро гирифта, риштаҳои алоҳидаро ба як намуна пайваста бошад.

> «*Аз куҷо метавонистанд мардоне ки дар санъат соҳибихтисос набуданд ва дар ҷойҳои гуногун зода шудаанд, чунин ҳақиқати мутаносибро рӯи коғаз оваранд? Танҳо аз осмонҳо! Чӣ гуна ва чаро ҳамаи онҳо маслиҳат мекарда бошанд, ки моро фиреб диҳанд? Барои паёме ки ба мо овардананд, онҳо ба дарду азоб дучор мешуданд ва ба марг мерафтанд»*[*].

Рубен А. Торрей дар ҷавоби касоне ки дар ин хусус эрод мегиранд, тасвири ҷолиберо истифода намудааст: «Фарз мекунем, пешниҳод шуд, ки дар пойтахтамон, шаҳри Вашингтон, парастишгоҳе сохта шавад, ки дар он маҳсулоти сангии ҳар як штат истифода шуда бошад... қисме аз конҳои мармари Марлборо, Ню Ҳемпшир, дигараш аз конҳои санги хорои Куинсӣ, Массачусетс, ... қисме аз конҳои санги қаҳваранги Касота, Миннесота, қисме аз конҳои гаҷи Ғарб; сангҳо аз тамоми штатҳои Амрико. Сангҳо бояд андоза ва шаклҳои хеле гуногун медоштанд – баъзе калон, баъзе хурд, баъзе миёна, баъзе мукааб, баъзе кулӯла, қисме силиндрӣ, қисме махрутӣ (конусшакл), қисме трапетсияшакл, ва қисме шакли параллелепипедро медоштанд. Ҳар як санг бояд дар коне ки аз он гирифта мешавад, ба шакли ниҳоии худ тарошида мешуд. Баъди ба макони муқарраршуда расидан ба ҳеҷ як санг болға ё искана набояд мерасид. Ниҳоят сангҳо ба Вашингтон оварда мешаванд ва бинокорон ба кор сар мекунанд. Дар давоми кор онҳо мебинанд, ки ҳар як санг ба сангҳои дигар ва ба ҷои худ мувофиқат мекунад, ҳеҷ як санг зиёдатӣ нест, ва ҳеҷ санге камӣ намекунад. Дар охир кори бинокорон ба анҷом мерасад ва дар пеши назари шумо парастишгоҳе бо деворҳои ҷонибҳояш, такягоҳҳояш, роҳравҳояш, равоқҳояш, трансептҳояш ва маҳалли сароянадагонаш, бомаш, бурҷҳояш, гунбазаш қомат меафрозад, ки ҳар як ҷузъи он хеле зебост. Ҳеҷ як санг зиёдатӣ ва ҳеҷ санге камӣ намекунад, ҳеҷ санге ноҷоя нест, ҳеҷ як тоқ ё гӯшае санги зиёдатӣ надорад, агарчи ҳар як санг дар коне ки аз он гирифта шудааст, ба шакли ниҳоии худ тарошида шудааст. Шумо инро чӣ гуна шарҳ медодед? Танҳо як роҳи хеле соддаи шарҳ додани ин ҳаст, ки дар паси ҳар як сангкан меъморе буд, ки аз аввал то охир нақшаи тамоми биноро

[*] Dryden, John, *Religio Laici*, found in *The Word´s Great Religious Poetry*, Caroline Hill, editor (New York: Macmillan Company, 1928), p. 103.

кашидааст ва ба ҳар як сангкани алоҳида хусусиятҳои худро барои кор додааст»[*].

Бовар ба он, ки Нависандагони Китоби Муқаддас «тасодуфан» ин ягонагиро ба вуҷуд овардаанд, *зудбоварӣ аст*; Бовар ба он, ки Худо ин одамонро ҳангоми навиштанашон роҳнамоӣ кардааст, *имон* аст. Зудбоварӣ он навъи бовари кӯр-кӯрона аст, ки далерона аст, аммо оиди далелҳо ғамхорӣ намекунад. *Имон* (бовар) бошад, далелҳои боварибахштаринро металабад, ва онро дар Каломи Худо пайдо мекунад.

## ТАЪСИРИ КИТОБИ МУҚАДДАС ДАР ҲАЁТИ ШАХС

Далели дигари асли илоҳии Китоби Муқаддас таъсири он дар ҳаёти шахсонест, ки ба паёми он бовар кардаанд. Кӣ метавонад миқдори ҷонҳоеро, ки ба воситаи ин Китоби нотакрор аз торикӣ ба рӯшноӣ, аз нопокӣ ва муқаддасӣ, аз рӯҳафтодагӣ ба умед, аз гуноҳ ба наҷот гузаштаанд, ҳисоб кунад? «Дар тӯли асрҳо Китоби Муқадас барои ҳазорон одамон баракате буд. Ин китоби мӯъҷизаовар аст». Паёми он, агар кас ба он бовар карда, мувофиқи он амал намояд, «майзадаҳо, фоҳишаҳо, қотилон, duздон, пастфитратони ҷамъияти инсониро наҷот медиҳад. Ҳеҷ як китоби аз ҷониби инсонҳо навишташуда ин корро карда наметавонад»[*]. Чуноне ки Грэм Скроггӣ гуфтааст, Китоби Муқаддас «ҳар ҷое ки инсонро ёбад, ӯро тарк намекунад, чунки он имтиёз ато мекунад, имконият фароҳам меоварад, ва ҳар гоҳе ки шахс аз саҳифаҳои он маслиҳат ҷӯяд, масъулиятнокӣ ба вуҷуд меоварад»[*].

## ПАҲНШУДА БУДАНИ КИТОБИ МУҚАДДАС

Шумораи Китобҳои Муқаддас ва қисматҳои онро, ки то ба имрӯз паҳн гардидаанд, ҳисоб кардан ғайриимкон аст. «Китоби Муқаддас аз ҳамаи дигар китобҳои маълум зиёдтар бо бероҳаҳо меравад, зиёдтар бо шоҳроҳҳо сафар мекунад ва дарҳои зиёдтарро мекӯбад ва бо миқдори зиёдтари одамон ба забони модарияшон гап мезанад»[*]. Худ аз худ ин чиз илҳоми илоҳӣ доштани Китоби Муқаддасро исбот намекунад, аммо ба вазни бузурги далеле ки ин хулосаро ногузир мегардонад, вазн зам мекунад.

---

[*] Talks to Men (New York: Fleming H. Revell Company., 1904), p. 26.
[*] Scott, Walter, *About the Wonderful Book* (Hull: Walter Scott), page 3.
[*] *Is the Bible the Word of God* (Chicago: Bible Inst, Colp, Ass´n., 1922), p. 121.
[*] Lee, Robert G., Be Ye Also Ready (Grand Rapids: Zondervan, 1944), p. 20.

## ТАРҶУМАИ КИТОБИ МУҚАДДАС

Яке аз афзалиятҳои бисёри ин китоб тарҷумаҳои он аст. Ҳеҷ як китоб чун Китоби Муқаддас ин гуна осонфаҳм ва возеҳ ба забонҳои дигар тарҷума нашудааст. Соли 1971 Ҷамъияти Китоби Муқаддаси Амрико дар гузориши худ изҳор дошт, ки Китоби Муқаддас ба зиёда аз 1400 забон ва лаҳҷаҳо пурра ё қисман тарҷума шудааст. Иҷрои ин вазифаи бузург гувоҳи он аст, ки тарҷумонҳо фаҳмидаанд, ки ин на ягон китоби дигар, балки Каломи зиндаи Худост.

## МАҲФУЗ МОНДАНИ НАВИШТАҲО

Маҳфуз мондани Китоби Муқаддас худ аз худ мӯъҷиза аст. Дар тӯли асрҳо бисёр кӯшишҳои нобуд ё манъ намудани истифодаи он сабт шудаанд. Ифротгароёни (экстремистҳо) динӣ ва даҳрӣ ин Китоби барояшон манфурро танқид мекарданд, манъ менамуданд ва сӯзонда, хокистарашро ба дарёи наздиктарин мепартофтанд, аммо ба ҳар ҷое ки ин об ҷорӣ шавад, ба зудӣ Китоби Муқаддас ба он ҷо меомад. Пояндагии Навиштаҳо дар шеъри зерин, ки «Сандони Худо» ном дорад, хуб тасвир ёфтааст (1Петрус 1:25):

Шоми гузашта назди дари оҳангаре бозистодам,
Ва шунидам, ки сандон садои ҷарангоси ситораи бегоҳиро мебаровард;
Сипас ба дарун нигариста, дар фарш болғаҳои кӯҳнаро дидам,
Ки бо мурури замон фарсуда шудаанд.

«Ту чӣ қадар сандон доштӣ», – гуфтам ман [ба оҳангар],
– «Ки ин қадар болғаҳоро фарсуда кардӣ ва шикастӣ?»
«Танҳо якто», – гуфт оҳангар, ва баъд, чашмак зада, илова намуд:
«Медонӣ, сандон болғаҳоро фарсуда мекунад».

«Ҳамчунин», – фикр кардам ман, – « бар Сандони каломи Худо
Дар тӯли асрҳо зарбаҳои шаккокон фурӯ мерехтанд,
Ва агарчи садои зарбаҳои фурӯ мерехта шунида мешуданд,
Ба ҳар ҳол, Сандон осеб наёфт, аммо болғаҳо шикастанд».

## БАРОИ ҲАМА ЗАМОНҲО ҚОБИЛИ ИСТИФОДА БУДАН

Ҳамчунин бояд фаромӯш накунем, ки бар хилофи китобҳои дигар, Китоби Муқаддас ҳамеша ҳозиразамон хоҳад буд. Паёми он бо истилоҳоти барои ҳамаи замонҳо мувофиқ навишта шудааст.

**БАРОИ ҲАМА ҚОБИЛИ ҚАБУЛ БУДАН**
«Китоби Муқаддас ба намояндагони ҳамаи нажодҳо ва маданиятҳо муроҷиат мекунад. Он барои бенаво ва сарватманд, калонсол ва ҷавон, маълумотнок ва бесавод аст. Агар он танҳо кори одамони оддӣ бошад, чаро онҳо китоби дигареро навишта натавонистанд, ки барои ҳама қобили қабул бошад.

**БЕПОЁН БУДАНИ ОН**
Шояд яке аз қавитарин далелҳои илҳоми илоҳӣ доштани Китоби Муқаддас ин аст, ки агарчи одамон онро борҳо хонда, амиқ омӯхтаанд, аз саҳифаҳои он доимо ҳақиқатҳои нав ба навро пайдо кардан мумкин аст. Донотарини олимон бояд аввалин шуда эътироф намоянд, ки то умқи ҳақиқате ки Китоби Муқаддас дар бар мегирад, нарасидаанд»*.

**АДАБИЁТЕ КИ ОН БА ВУҶУД ОВАРДААСТ**
Дар хусуси китобҳое фикр кунед, ки оиди Китоби Муқаддас навишта шудаанд – феҳристҳо, тафсирҳо, мавъизаҳо, илоҳиёт, назм, фалсафа. Китобҳои бешумор дар китобхонаҳо гирд оварда шудаанд, бо вуҷуди ин асбобҳои чопкунӣ маводи нав ба нав мебароваранд.

**ҲАРАКАТҲОЕ КИ АЗ ОН САРЧАШМА ГИРИФТААНД**
Дар бораи муассисаҳои башардӯстона ва дигар муассисаҳое фикр кунед, ки зери таъсири Китоби Муқаддас ба одамон таъсис дода шудаанд. Коллеҷҳо ва донишгоҳҳо, хонаҳои нигоҳубини бозмондагон, бемористонҳо, миссияҳои мададрасонӣ, махзанҳои адабиёт ва қароргоҳҳои миссияҳо. Миқдори онҳоро ба қалам овардан ғайриимкон аст, аммо худи он чи имрӯзҳо дар атрофи мо рӯй медиҳанд, худ далел аз худ мебошанд. Сперҷен боре гуфтааст: «Худое ки бо хонаҳои нигоҳубини бозмондагон ҷавоб медиҳад, бигузор Худои мо бошад». Ҳамин аст Худои Китоби Муқаддас.

**ПОКИИ КИТОБИ МУҚАДДАС** (Забур 118:140; Масалҳо 30:5)
Бар хилофи навиштаҳои динҳои дигар, хусусияти фарққунандаи Китоби Муқаддас покии он аст. Китоби Муқаддас на танҳо

* White, Ernest, *Christian Life and the Unconscious* (New York: Harpers, 1956), p. 109.

меъёрҳои баландтарини ахлоқиро тарғиб мекунад, балки ҳатто ҳангоми тасвири гуноҳ онро чунон ба қалам медиҳад, ки кас аз он нафрат мекунад. Он бадии инсонро ошкор менамояд, аммо инро чунон мекунад, ки хонанда аз ин гуна рафтор бо нафрат рӯ гардонад.

**ЗИНДА БУДАНИ ОН** (Аъмол 7:37; Юҳанно 6:63; 1Петрус 1:23)
Фарқи дигари Китоби Муқаддас аз дигар китобҳо зинда будани он аст. Инро тасвир намудан мушкил аст, аммо пай бурдан душвор нест. Ҳангоме Китоби Муқаддас ба гуноҳкорон муроҷиат мекунад, онҳо ба ларза меоянд; агарчи ба сиёсат ва воқеаҳои ҳаррӯза чунин аксуламал намекунанд. Имондорон низ пай мебаранд, ки Калом бо қувваи нав ба воситаи огоҳкунӣ, сарзаниш, насиҳат ва тасалло додан ба онҳо муроҷиат мекунад.

**ХУЛОСА**
Касоне ки илҳоми илоҳӣ доштани Китоби Муқаддасро инкор мекунанд, худро ба ҳолати ногувор мегузоранд. Онҳо мегӯянд, ки даъвои Китобе ки худро Каломи Худо эълон менамояд, ба ҳақиқат рост намеояд. Аммо агар чунин набошад, пас он фиреб аст ва бояд тарк карда шавад. Аммо ба ҳар ҳол аксари онҳо эътироф мекунанд, ки он китоби хуб аст – аммо бехато нест. Оё ин китобро одамони бад навиштаанд? Албатта, не! Хонае ки зидди худ ҷудо шудааст, устувор намемонад. Шайтон одамонро ба навиштани китобҳое ки ӯро пурра тасвир менамоянд, водор намекунад. Оё одамони бад ин китобро навишта метавонистанд? Ҷавоб боз ҳам НЕ аст! Дарахти бад меваи хуб оварда наметавонад. Мо гаштаву баргашта ба худи ҳамон хулоса меоем. Китоби Муқаддас китоби Худо, Каломи бехато ва дорои илҳоми Ӯст.

*Ҳангоме ки тайёр мешавед, ба саволҳои дарси 2 дар дафтари имтиҳонӣ ҷавоб диҳед.*
*Илтимос, то даме ки ба саволҳои ҳамаи дарсҳо ҷавоб надиҳед, ин маводро барои тафтиш нафиристед.*

**ДАРСИ 3**

# Баъзе пешгӯиҳои иҷрошуда

Асли илоҳии Китоби Муқадас ба воситаи садҳо пешгӯиҳои он, ки бо ҷузъиёти хурдтарин иҷро гардидаанд, равшан нишон дода шудааст. Ҳеҷ як ақидаи софдилона чунин гувоҳиҳои мӯътабарро сарфи назар карда наметавонад. Худи Худо ба пешгӯиҳои иҷрошуда чун далели нуфузу эътибори илоҳӣ муроҷиат мекунад. (Ниг. Иш. 41:20-26; 43:8-11.)

Ҳангоми таҳлили пешгӯӣ бояд дар назар дошт, ки ҳар як ҷузъи иловагии ба ягон пешгӯӣ дохил кардашуда имконияти бо тартиби додашудаи ин ҷузъҳо иҷро гардидани онро кам мекунад. Масалан, ҳарфҳои А, Б, В-ро бо шаш тарзи гуногун ҷойгир кардан мумкин аст (1×2×3=6). Аммо барои ҷо ба ҷо гузоштани ҳарфҳои А, Б, В, Г, Д ва Е аллакай 720 тарзҳои гуногун ҳастанд (1×2×3×4×5×6=720). Ин қонуни иваз кардани ҷой ном дорад. Акнун биёед ин қонунро ба баъзе пешгӯиҳои Китоби Муқаддас истифода мебарем, ки аз шаш ё даҳ ҷузъ иборат буда, бо пайдарҳамии муайян дода шудаанд. Имконияти *бо ҳамин пайдарҳамӣ* иҷро шудани ин пешгӯиҳо 1 аз 3628800 аст! А. Т. Пирсон дар китоби худ “Далелҳои зиёди баҳснопазир”* ин далелро барои бо иҷро шудани пешгӯиҳо исбот намудани ҳаққонияти Навишта истифода мебарад.

Дар байни мавридҳои зиёди иҷро шудани пешгӯиҳо пешгӯиҳои Дониёл оиди халқи яҳудӣ, Сур, Уршалим, Масеҳ, баъзе шаҳрҳои Ҷалил, чор империяи ҷаҳонӣ, ва низ биниши (ваҳйи) Дониёл оиди ҳафтод ҳафтсола ҳастанд. Ҳар кадоми онҳоро мухтасар дида мебароем.

## Халқи яҳудӣ

Фридрихи Бузург боре ба яке аз сарлашкаронаш гуфта буд: “Ба ман ҳаққонияти Китоби Муқаддасро бо як калима ифода намоед”. Маршал ҷавоб дод: “Яҳудиён”.* Нависандаи немис Гегел гуфта буд: “Фалсафаи ман ғайр аз яҳудиён ҳама чизро маънидод мекунад”. Сабаби осон набудани феномени халқи яҳудӣ он аст, ки ин халқ дар нақшаи Худо мавқеи нотакрор дорад. Дар Навиштаи Пок тақдири он бо аниқии илоҳӣ пешгӯӣ шуда буд, ва гузаштаву

* Pierson, A. T., Many Infallible Proofs (New York: Fleming H. Revell Co., 1886).
* Pierson, A. T., ҳамон ҷо, с. 59.

ҳозираи онҳо бори дигар тасдиқ мекунанд, ки ин пешгӯиҳо то чӣ андоза дақиқ буданд.

Ин халқ аз даъват шудани Иброҳим ибтидо мегирад. Худо ваъда дод: “Ва аз ту халқи бузурге ба вуҷуд оварам” (Ҳастӣ 12:2). Аз нуқтаи назари инсонӣ ин аз имкон дур метобад, аммо иҷро шудани ин пешгӯӣ ба исбот эҳтиёҷ надорад. Ғайр аз ин, Худо гуфт: “Ва дар ту ҳамаи қабилаҳои рӯи замин баракат хоҳанд хост” (ояти 3). Чӣ гуна ҳамаи халқҳо аз Иброҳим баракат хоста метавонистанд? Ҷавоб ин аст, ки Худованд Исои Масеҳ бевосита аз насли Иброҳим аст (Луқо 3:34), ва Ӯ ин пешгӯиро ба таври ҳайратовар иҷро намуд.

Навишта борҳо пешгӯӣ кардааст, ки агар яҳудиён дар пеши назари Худованд бадӣ кунанд ва ба овози Ӯ гӯш надиҳанд, ба таъқибот гирифтор шуда, байни халқҳои дигар пароканда мегарданд (Иб. 26:31-33; Так. Шар. 4:27; 28:36, 37, 64-67; 29:28; Ирм. 9:16; Ҳизқ. 22:15; Зак. 7:14). Халқи яҳудӣ якчанд бор дар рӯи замон пароканда шуда буд. Бори охир ин дар соли 70-уми пас аз милод рӯй дод, ҳангоме ки Уршалим вайрон карда шуд, ва яҳудиёни зиндамонда ба маънои ҳақиқӣ байни халқҳои дигар пароканда шуданд, ва аз ҳамон вақт ҳамин тавр мезистанд. Аммо боз як пешгӯӣ оиди халқи яҳудӣ ин аст, ки агарчи он пароканда мешавад, фарқияти миллии худро гум намекунад, балки халқи алоҳида мемонад: “Инак, қавмест, ки ба танҳоӣ маскан мегирад, ва дар миёни халқҳо худро ҳисоб намекунад” (Адад. 23:9). Ин бемаъно метобид. Агар халқе дар байни халқҳои дигар сокин буда, тадриҷан бо халқҳои атроф омехта шавад, ҷои ҳайроншавӣ нест. Аммо бо халқи яҳудӣ чунин нашуд. Ин халқ, агарчи дар байни халқҳои дигар мезист, ҳеҷ гоҳ хусусиятҳои миллии худро гум накарда буд.

Ҳолати ҳозираи Исроил дар Ҳушаъ 3:4 пешгӯӣ шуда буд: “Зеро ки банӣ Исроил айёми зиёде бе подшоҳ ва бе сарвар, ва бе қурбонӣ ва бе сутуни назди қурбонгоҳ, ва бе эфӯд ва тарофим хоҳанд буд”. Ҳозир мо мебинем, ки Исроил ҳокими мутлақ (подшоҳ ва сарвар) надорад, шакли пештараи хизматгузорӣ ва қурбонӣ оварданро (эфӯд ва қурбонгоҳ) надорад, ва дар айни замон аз бутпарастӣ (тарофим) озод аст. Ҳолати яҳудиёнро аз ин кӯтоҳтар тасвир кардан ғайриимкон аст.

Дар Навишта гуфта шудааст, ки халқи Исроил боз дар як ҷой ҷамъ мешавад, боз соҳиби кишвари худ мегардад, агарчи ҳанӯз

Масеҳро қабул намекунад (Ҳизқ. 36:24-27). Ва агарчи ин пешгӯиҳо ҳанӯз пурра иҷро нашудаанд, воқеаҳои ҷолиби диққат ва муҳим дар замони мо аллакай рӯй дода истодаанд. Давлати Исроил соли 1948 ташкил ёфт, он ҳукумат, байрақ, маркаҳои почта, артиш ва системаи маорифи худро дорад. Яҳудиён қариб аз 74 кишвар, аз ҳамаи қитъаҳо ба Исроил баргаштанд. Моли асосии содиротии Исроил меваҳои ситрусӣ мебошанд – ҷолиби диққат аст, агар Ишаъё 27:6-ро ба ёд оварем: "Дар рӯзҳои оянда Яъқуб реша хоҳад давонд, Исроил муғҷа ва шукуфа хоҳад кард; **ва рӯи дунё аз мева пур хоҳад шуд**". Имрӯзҳо, дар натиҷаи бисёр маъракаҳои барқароркунии ҷангалҳо, дар кӯҳҳои Исроил миллионҳо дарахтон шинонда шудаанд, асосан сӯзанбарг. Ишаъё пешгӯӣ карда буд: "Ба ҷои хорбутта сарв хоҳад рӯид" (Иш. 55:13). Дар Такрори Шариат мо мехонем, ки Худованд Яъқубро ба замине овард, ки дар он ӯро бо "асал аз сахра" таъмин намуд. Ҳангоме ки дар солҳои 50-ум дар Исроил нефт ёфт шуд, дар барномаи ахбор баъди эълон оиди кушода шудани кони нав ин порчаро хонданд.*

Агар оиди нисбатан камшумор будани ин қавми сомии "оворагардони регзор" (чуноне ки мисриён бо таҳқир онҳоро меномиданд) фикр кунем, метавон ҳайрон шуд, ки онҳо дар таърихи ҷаҳон кадом нақшро бозидаанд ва ҳанӯз ҳам мебозанд, ва акнун боз ҳам фаъолонатар. Саҳми яҳудиён дар илми ҷаҳонӣ, дин, соҳибкорӣ, сиёсат, санъат ва дигар шаклҳои фаъолияти инсонӣ бо миқдори онҳо ва саҳми қариб ҳар як халқи ҷаҳон муқоисанашаванда аст.

Азбаски таърихи халқи Исроил дар Китоби Муқаддас чунин аниқ пешгӯӣ шуда буд, надидан имкон надорад, ки Китоби Муқаддас Каломи Худои зинда аст. Канслер Эрскин гуфта буд: "Ҳатто агар ҳамаи гувоҳиҳои дигарро ба қаъри баҳр партоем ҳам, дар тамоми ҷаҳон паҳн шудани яҳудиён, азобҳои беҳисоби онҳо, ба таври ҳайратовар зинда мондани онҳо пурра кофист, то ба ҳаққонияти Навиштаҳо бовар кунем".*

## Пешгӯиҳои Дониёл оиди чор империяи ҷаҳонӣ

Дар Китоби Дониёл, ки соли 530 пеш аз милод навишта шудааст, ду бор пешгӯӣ шудааст, ки халқи яҳудӣ зери ҳукмронии чор империяи ҷаҳонӣ хоҳад буд. Масалан, дар боби 2-юм оиди

---

* Clark, Blake, *Bible Prophecies are Coming True,* American Weekly Magazine, October 13, 1957.
* Brookes, J. H., *God Spake All These Words* (St. Louis: J. T. Smith, 1895), p. 42.

хобе гуфта мешавад, ки Парвардигор ба Набукаднесар фиристод, оиди бути бузурге, ки сараш аз тилло, 2) сина ва бозуҳояш аз нуқра, 3) шикам ва ронҳояш аз мис, 4) пойҳояш қисман аз оҳан ва қисман аз гил буд. Дониёл бо ҳикмате ки Худо ба ӯ дода буд, ин хобро бо қисса оиди чор подшоҳии гул-гулшукуфон, ки бар тамоми ҷаҳон ҳукмронӣ хоҳанд кард, тафсир намуд. Аввалини онҳо, бешубҳа, Бобил аст: "Он сари тилло ту ҳастӣ!" (Дон. 2:38) – Набукаднесар, подшоҳи Бобил. Дар боби 7-ум оиди хобе мехонем, ки дар он чор ҳайвон ба назар мерасанд: 1) шер, 2) хирс, 3) паланг ва 4) ҳайвони номаълум. Онҳо низ чун чор империяи ҷаҳонӣ маънодод карда шудаанд ва ба чор қисми бут, ки дар боби 2-юм хондем, мувофиқат мекунанд. Дар боби 8-ум мо боз дар бораи як хоб мехонем, ки дар он гӯсфанд ва буз ба назар мерасанд, ва қобили таваҷҷӯҳ аст, ки онҳо аз як тараф тимсоли халқҳои Мод ва Форс, ва аз тарафи дигар тимсоли Юнон буданд (о. 20, 21).

Ҳайратовар аст, ки халқи яҳудӣ зери ҳукмронии танҳо чор империяи ҷаҳонӣ буд. Дар замони ин хоббиниҳо яҳудиён зери ҳукмронии БОБИЛ буданд. Баъди ин империяи Бобил зери фишори ҳарбии МОД ва ФОРС барҳам хӯрд. Сипас Искандари Мақдунӣ кишварҳои зиёдеро забт намуда, ЮНОНРО империяи ҷаҳонӣ кард. Баъд, дар навбати худ, он зери итоати РУМ даромад. Пас аз ин Исроил зери ҳукмронии дигар халқҳо буд, аммо ҳеҷ гоҳ зери ҳукмронии ягон империяи ҷаҳонии дигар набуд.

Ин пешгӯиҳои Дониёл аз ҷиҳати тасвир чунон возеҳ ва муфассал буда, чунон аниқ иҷро шуданд, ки беимонони маълумотноки даҳрӣ ва ё диндор аслӣ будани ин китобро шубҳаовар ҳисобида, мегуфтанд, ки онро на Дониёл, балки каси дигаре *баъди ба амал омадани ин воқеаҳо* навишта, онро ба Дониёл нисбат додааст, то ба он ҳаққоният бахшад! Аммо ҳамаи ин кӯшишҳо беҳуда буданд. Зиёда аз ин, унсурҳои пешгӯиҳо дар Китоби Дониёл чунон бехато мебошанд, ки Гиббон, шахси беимон, эътироф намуда буд: "Чор империя хеле равшан тасвир ёфтаанд; ва лашкари мағлубнопазири румиён дар пешгӯиҳои Дониёл чун дар асарҳои Юстиниан ва Диодор аниқ тасвир ёфтааст".*

## Пешгӯиҳо оиди Сур

* Иқтибос аз Kelly, Wm., дар Lectures on the Book of Daniel (New York: Loizeaux Bros.), p. 42.

Қиссаи шаҳри Сур ба мо боз як намунаи иҷро шудани пешгӯиро медиҳад. Ин шаҳр бандари калони тиҷоратии баҳри Миёназамин буда, 150 километр шимолтар аз Уршалим воқеъ буд. Як қисми он дар соҳили материкӣ ва қисми дигараш дар ҷазира ҷойгир шуда буд. Вайроншавии он дар боби 26-уми Китоби пайғамбар Ҳизқиёл, ки тақрибан дар соли 588 то милод навишта шудааст, бо аниқии ҳайратовар пешгӯӣ шудааст.

Ба ҷузъиёти зерини пешгӯӣ аҳамият диҳед. 1) Онро бояд подшоҳи Бобил муҳосира кунад (ояти 7). 2) Сангҳо, дарахтон ва замини шаҳр бояд ба об партофта шаванд (ояти 12). 3) Дар ҷои шаҳр бояд танҳо сангҳо боқӣ монанд, ки моҳигирон бар онҳо тӯрҳояшонро паҳн хоҳанд кард (ояти 14). 4) Шаҳр ҳеҷ гоҳ аз нав обод намешавад (ояти 14).

Аз таърих мо фаҳмида метавонем, ки дар асл шаҳр чӣ қисмате дошт. Набукаднесар онро қариб 13 сол муҳосира намуд. Пеш аз мағлубшавии шаҳр сокинон тамоми дороии худро ба ҷазира бурданд. Онҳо флоти пуриқтидор доштанд ва ҷазираро муддати дарозе баъди хароб шудани қисми материкии шаҳр ҳимоя карда метавонистанд.

Қариб дусад сол гузашт. Акнун Искандари Мақдунӣ барои ҳукмронӣ бар ҷаҳон мубориза мебурд. Соли 322 пеш аз милод лашкари ӯ ба соҳилҳои Сур наздик шуд, аммо шаҳр-ҷазираро якбора ба даст оварда натавонист. Он гоҳ Искандар қарор дод, ки аз соҳили материкӣ сӯи ҷазира роҳ созад. Ӯ фармуд, ки сангҳо, дарахтон ва замини харобаҳои қисми материкии шаҳрро гирифта, ба баҳр партоянд, ва ҳамин тариқ, дар ин қисми шаҳри собиқ сангҳои холиро боқӣ гузоранд. Танҳо баъд аз ин ӯ шаҳрро ишғол карда тавонист. Он қисми шаҳр, ки дар материк ҷойгир буд, аз он вақт барқарор нашуд, ва ҳатто ҳозир моҳигирон дар он тӯрҳои худро барои хушконидан паҳн мекунанд.

Ин пешгӯиҳоро, ки садҳо сол пеш аз воқеъ гардиданашон (бо аниқии математикӣ) навишта шудаанд, чӣ тавр маънидод кардан мумкин аст? “Танҳо як маънидод ҳаст, ки ақли одамиро қонеъ гардонда метавонад. Яъне дар ин китоб Касе гап мезанад, ки вақт ба Ӯ тааллуқ дорад, ва оянда тобеи Ӯст ва Ӯ барои исботи ҳаққонияти Худ дар саҳифаҳои дили инсон менависад: “Осмон ва замин мегузаранд, аммо каломи Ман гузарон нест”.*

* Urquhart, John, *The Wonders of Prophecy* (London: Pickering & Inglis, Ltd., no date).

*Ҳангоме ки тайёр мешавед, ба саволҳои дарси 3 дар дафтари имтиҳонӣ ҷавоб диҳед.*
*Илтимос, то даме ки ба саволҳои ҳамаи дарсҳо ҷавоб надиҳед, ин маводро барои тафтиш нафиристед.*

ДАРСИ 4

# Дигар пешгӯиҳои иҷрошуда

## Пешгӯиҳо оиди Масеҳ

Дар байни пешгӯиҳои Китоби Муқаддас аз ҷиҳати миқдор ва тафсилот ҳеҷ кадоме бо он чи оиди Наҷотдиҳандаи мо гуфта мешавад, баробар шуда наметавонад.

Агар оиди насабномаи Ӯ гап занем, Навишта пешгӯӣ кардааст, ки Ӯ аз насли Иброҳим (Ҳастӣ 22:18), аз сибти Яҳудо (Ҳастӣ 49:10) ва аз авлоди Довуд (Иш. 9:7) хоҳад буд. Оиди зодашавии Ӯ бошад Навишта пешгӯӣ кардааст, ки Ӯ аз бокира (Иш. 7:14), дар шаҳри Байт-Лаҳм (Мико 5:2) зода хоҳад шуд. Ҷолиби диққат аст, ки дар Навишта оиди ду Байт-Лаҳм гуфта мешавад. Яке дар ҳудуди Забулун, дар шимоли Исроил буд (Еҳуш. 19:15). Дигаре дар ҳудуди Яҳудо ҷойгир шуда, боз чун Эфрот маълум буд. Пешгӯӣ оиди зодашавии Масеҳ чунон аниқ аст, ки оиди дар Байт-Лаҳми Эфрот зода шудани Ӯ гуфта шудааст. Ишаъё пешгӯӣ карда буд, ки пешоҳанге оиди Ӯ хоҳад гуфт (40:3), Ӯ бо Рӯҳулқудс тадҳин хоҳад шуд (11:2; 61:1) ва хизмати Ӯ дар Ҷалил ибтидо хоҳад ёфт (9:1, 2).  Пешгӯӣ шуда буд, ки Ӯро шахси наздикаш (Забур 40:10) дар ивази сӣ сиккаи нуқра (Зак. 11:12) таслим мекунад.

Дар Паймони Куҳан муфассал оиди кушта шудани Ӯ ба воситаи дар салиб мехкӯб намудан гуфта мешавад. Ба ҳолатҳои зерин аҳамият диҳед. Дастони Ӯ бо мехҳо сӯрох карда мешаванд (Забур 21:17). Ӯ ҳамроҳи ғоратгарон мемирад (Иш. 53:12). Душманонаш барои либосҳои Ӯ қуръа мепартоянд (Заб. 21:19). Ба Ӯ сирко ва заҳра медиҳанд (Заб. 68:22). Устухонҳои Ӯ шикаста намешаванд (Заб. 33:21). Ӯро найза мезананд (Зак. 12:10). Ҳатто суханоне ки Ӯ ҳангоми ба салиб кашида шудан мегӯяд, аниқ пешгӯӣ шуда буданд: “Худои Ман! Худои Ман! Чаро Ту Маро тарк кардаӣ?” (Заб. 21:2). Ӯ бояд барои дигарон мемурд (Иш. 53:5,12). Ҳамчунин дар қабри шахси сарватманд дафн гардидани Ӯ (Иш. 53:9), растохези Ӯ (Заб. 15:10) ва ба осмон бурда шудани Ӯ (Заб. 67:17) пешгӯӣ шуда буд.

Баъзеи ин пешгӯиҳо 1600 сол пеш аз милоди Масеҳ навишта шуда буданд, *ва ҳамаашон 400 сол пеш аз зода шудани Ӯ* баён гардида буданд. Рӯйхати онҳо бо номгӯи зикршуда маҳдуд намешавад. Аз ҳамаи ин чӣ хулоса бароварда метавонем? Герберт Стюарт, муаллифи китоби "*Такягоҳи пешгӯӣ*" мегӯяд: "Агар ҳаққонияти Китоби Муқаддасро дар доварӣ бо истинод ба пешгӯиҳои иҷрошудаи он исбот кардан даркор мешуд, муваффақияти ин вазифа боиси шубҳа намебуд. Ҳеҷ як доварӣ наметавонад ба арзишнокии миқдори азими гувоҳиҳои дастрас, ки асли фавқуттабиии Китоби Муқаддасро исбот мекунанд, шубҳа кунад. Дар пешгӯиҳои Навишта мо ягон камбудӣ ёфта наметавонем".*

## Рӯъёи Дониёл оиди ҳафтод ҳафтсола

Агарчи аксари масеҳиён пешгӯиҳои иҷрошударо оиди Худованд Исо медонанд, на ҳамаи онҳо як пешгӯии ҳайратовареро, ки ба Ӯ бевосита дахл дорад, медонанд. Пайғамбар Дониёл ба таври ҳайратовар моҳ ва соли кушта шудани Масеҳро пешгӯӣ карда буд. Ин 560 сол пеш аз худи воқеа пешгӯӣ шуда буд!

Ин пешгӯии ҳайратоварро мо дар боби 9-уми Китоби пайғамбар Дониёл мехонем. Агар оиди ин порча кӯтоҳ гап занем, Дониёл пешгӯӣ карда буд, ки аз замони фармон оиди барқарор ва бино кардани Уршалим (ояти 25) то марги Масеҳ (ояти 26) бояд 69 "ҳафтсола" (ҳафт ҳафтсола бар иловаи шасту ду ҳафтсола) гузарад. Дигар хел карда гӯем, аз фармон то марги Масеҳ бояд 69×7, ё 483 сол гузарад.

Фармони Артаҳшасто, ки ин ҷо сухан дар бораи он меравад, соли 445-уми милодӣ бароварда шуда буд. Агар рӯзҳои иловагӣ ва солҳои кабисаро ба назар гирем, апрели соли 32-юми милодиро ҳосил мекунем, яъне моҳе ки дар он Наҷотдиҳандаи мо мурда буд.

Ин пешгӯии Дониёл, чун бисёр пешгӯиҳои дигаре ки дар китоби ӯ ҳастанд, гувоҳии раднопазири илҳоми илоҳӣ доштани Навишта мебошанд. Ҳамаи ин пешгӯиҳо мефаҳмонанд, ки чаро Дониёл муддати дароз ҳадафи мунаққидони деструктивии (ғайри созанда) Каломи Худо буд.

## Пешгӯӣ оиди Уршалим

* Stewart, Herbert, *The Stronghold of Prophecy* (London: Marshall, Morgan and Scott, 1941), p. 126.

Дар Луқо 21:24 Худованд Исо гуфтааст: “Уршалим поймоли ғайрияҳудиён хоҳад шуд, то даме ки даврони ғайрияҳудиён ба анҷом расад”. Аз замоне ки румиён шаҳрро вайрон карданд (соли 70-уми милодӣ) Уршалим қариб ҳамеша зери итоати ғайрияҳудиён буд. Дар соли 363-юми милодӣ қайсари Рум Юлиани муртад масеҳиятро беэътибор карданӣ шуда, ба яҳудиён иҷозат дод, ки маъбадро барқарор кунанд, Таърихшиноси ғайримасеҳӣ Гиббон менависад, ки заминҷунбӣ, бодҳои сахт ва оташфишонии шадид пойдевори маъбади навро вайрон карданд, ва бо ҳамин тамоми корҳои барқароркунии маъбад ба охир расиданд.*

Дар соли 1948 давлат ва ҳукумати Исроил ташкил ёфт. Аммо ҳангоме ки ҳудудҳои давлати навбунёд муқаррар карда шуданд, Уршалими қадимӣ дар ҳудуди Урдун монд. (Яҳудиён низ Уршалим ном шаҳр доштанд, аммо ин на он шаҳре буд, ки оиди он дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст.) Дертар, соли 1948 байни Исроил ва кишварҳои араб ҷанг сар шуд. Исроил ба сӯи Уршалим ҳуҷуми қатъӣ кард. Ва ҳангоме ки муваффақият қариб ба даст омада буд, СММ дахолат намуд ва оташбас эълон карда шуд. Байни ду артиш ҳудуди бетараф муқаррар карда шуд, Уршалими қадимӣ бошад чун пештара дар дасти арабҳо монд. Соли 1967 артиши Исроил ба ишғоли Уршалими қадимӣ муваффақ шуд. Аммо ин воқеаҳо арзиши пешгӯии Худованд Исоро кам намекунанд. Ҳамаи ин пирӯзиҳо муваққатӣ мебошанд. Ва ҳукмронии исроилиён бар шаҳр низ муваққатӣ хоҳад буд. Пойҳои ғайрияҳудиён чун пештара Уршалимро поймол хоҳанд кард, “то даме ки даврони ғайрияҳудиён ба анҷом расад”. “Онҳо шаҳри муқаддасро чилу ду моҳ поймол хоҳанд кард” (Ваҳй 11:2). Ин порча, аз афташ, комилан равшан оиди он мегӯяд, ки ғайрияҳудиён Уршалимро дар давоми қисми дуюми ҳафтсолаи ҳафтодуми Дониёл (яъне ҳангоми мусибати бузург) хароб мекунанд. Ин солҳо бевосита пеш аз он хоҳанд буд, ки Масеҳ дар ҷалол бозгардад.

## Гиряи Исо барои шаҳрҳои Ҷалил

Ҳангоми химзатгузории Худ дар Ҷалил Худованд ба чор шаҳр рафта буд: Кафарнаҳум, Кӯрозин, Байт-Сайдо ва Табария. Дар сетои аввали онҳо Худованд бисёр меҳнат кард, аммо одамон

---

* Decline and Fall of the Roman Empire, Vol. II (New York: E.P. Dutton and Company, 1919), p. 386.

тавба накарданд. Бинобар ин Худованд барои онҳо афсӯс мехӯрд, ва мо оиди ин  дар Матто 11:21-24 мехонем. Аммо мо намебинем, ки Исо барои Табария ғам хӯрда бошад. Оё ин шаҳрҳо дар замони мо ҳастанд? Дар соҳили шимолӣ-ғарбии кӯли Ҷалил харобаҳои қадимӣ ҳастанд, ки бисёриҳо онҳоро боқимондаҳои Кафарнаҳум меҳисобанд, агарчи маълум нест, ки ин шаҳр маҳз дар куҷо буд. Ҳамчунин ҳеҷ кас намедонад, ки шаҳрҳои Кӯрозин ва Байт-Сайдо дар куҷо буданд. Онҳо боқӣ намондаанд, аммо Табария, ки дар соҳили кӯли Табария буд, ҳамаи дигаргуниҳои харобиовари замонаро паси сар карда, то ҳол бандари гул-гулшукуфон аст. Оё тасодуф аст, ки се шаҳре ки Наҷотдиҳанда барои онҳо афсӯс мехӯрд, нопадид шудаанд, аммо шаҳре ки Ӯ оиди он сухане нагуфтааст, чун пештара вуҷуд дорад?

## Хулоса

Бисёр намунаҳои дигари иҷро шудани пешгӯиҳоро овардан мумкин мебуд, аммо намунаҳои зикршуда низ кифоя мебошанд, то исбот шавад, ки нависандагони Китоби Муқаддас китобҳои худро таҳти роҳнамоии Рӯҳи Пок навиштаанд. Инро ҳар шахси солимфикр фаҳмида метавонад. Доктор Скоуфилд оиди аҳамиятнокии пешгӯиҳои иҷрошуда чунин мегӯяд: “Пешгӯиҳои иҷрошуда исботи илҳоми илоҳӣ мебошанд, зеро воқеаҳо дар Навишта он миқдор солҳо пеш пешгӯӣ шудаанд, ки ҳеҷ як инсон бо ёрии ақли аналитикии худ чунин пешгӯӣ карда наметавонад, ва ин пешгӯиҳо чунон аниқ иҷро шудаанд, ки ҷои шубҳа намемонад: онҳо пешгӯиҳои тахминӣ нестанд. Садҳо пешгӯиҳо оиди Исроил, замини Канъон, Бобил, Ашшур ва Миср, шахсиятҳои зиёд – қадимӣ, ғайриоддӣ ва тамоман боварнопазир, ки хеле аниқ ва муфассал тасвир ёфтаанд, – ҳамаи ин аз ҷониби шахсоне иҷро шудаанд, ки оиди ҳамаи ин ҳеҷ чиз намедонистанд ва ба ин чизҳо бовар намекарданд, ва гоҳо ҳатто ба иҷрошавии онҳо сахт муқобилат мекарданд. Баъд аз ин шубҳае буда наметавонад: Навишта, ки дар он ин пешгӯиҳо баён шудаанд, илҳоми илоҳӣ дорад.*

Исо гуфтааст: “Ва инак, пеш аз вуқӯъ ба шумо гуфтам, то ки дар вақти воқеъ шуданаш имон оваред” (Юҳ. 14:29). Оё шумо бовар мекунед?

---

* Иқтибос аз Stewart, Herbert, *The Stronghold of Prophecy* (London: Marshall, Morgan and Scott, Ltd, 1941), p. 10.

*Ҳангоме ки тайёр мешавед, ба саволҳои дарси 4 дар дафтари имтиҳонӣ ҷавоб диҳед.*
*Илтимос, то даме ки ба саволҳои ҳамаи дарсҳо ҷавоб надиҳед, ин маводро барои тафтиш нафиристед.*

ДАРСИ 5

# Китоби Муқаддас ва илм

Яке аз он соҳаҳое ки солҳои охир дар он Китоби Муқаддас ба майдон талабида мешавад, илм аст. Масеҳиёни ҷавон дар синфҳои болоӣ ва донишгоҳҳо маҷбуранд ба тамасхурҳо тоб оваранд, зеро дар рӯ ба рӯи кашфиётҳое ки гӯё ба Каломи Худо мухолифанд, ба Китоби Муқаддас вафодор мемонанд. Павлус дар ин ҷо аз чунин шакли дониш огоҳ мекунад, ки дурӯғин номида шудааст, зеро бо он чи Худо дар Каломи Худ гуфтааст, ихтилоф дорад. Дар асл, – чуноне ки мо медонем, – байни Китоби Муқаддас ва илми ҳақиқӣ ихтилофе буда наметавонад. Азбаски Худо, ки Китоби Муқаддасро навиштааст, коинотро низ офаридааст, ғайриимкон аст, ки байни онҳо зиддиятҳо бошанд. Пас “кашфиётҳо”-и илмии зиёдро, ки дар партави таълимоти Китоби Муқаддас ноилоҷ метобанд, чӣ гуна маънидод кардан мумкин аст.

Пеш аз ҳама, худи олимон дар хатои дубора айбдор мешаванд. Аксар вақт онҳо фарқи байни назария ва фактҳоро дидан наметавонанд. Онҳо гоҳо дар асоси фактҳои тафтишнашуда ё усулҳои бархатои муайянкунӣ хулосаҳо мебароранд. Сониян, онҳо аксар вақт факти вуҷуд доштани Худоро ба назар

намегиранд. Онҳо пешакӣ қарор медиҳанд, ки мавҷудият ё иштироки чизи илоҳӣ, фавқуттабиӣ ғайриимкон аст. Онҳо фактеро ба эътибор намегиранд, ки ҳамон Худое ки "қонунҳои табиат"-ро офаридааст, метавонад онҳоро риоя кунад, ё бар хилофи онҳо мувофиқи хости Худ амал намояд. Ғайр аз ин, мо бояд эътироф намоем, ки ихтилофи Китоби Муқаддас ва илм аз боиси он рӯй медиҳад, ки муҳаққиқони Китоби Муқаддас фарқи байни гуфтаҳои Китоби Муқаддас ва он чиро, ки одам оиди он мегӯяд, дида наметавонанд. Масеҳиён бояд фарқи байни назария ва фактҳо, тафсир ва илҳоми илоҳиро фаҳманд.

Дар робита бо душвориҳое ки масеҳиёни ҷавон дар омӯзиши илмҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд, гоҳо дар доираи ин курс оиди мушкилоти асосие ки бо зиддияти Китоби Муқаддас ва "кашфиётҳо"-и ҳозира алоқа доранд, гап задан бамаврид мебуд. Ва дар ин ҷо саволҳои зерин ба вуҷуд меоянд. Оё Китоби Муқаддас бо назарияи эволютсия ихтилоф дорад, ё Худо ин усули офаринишро низ истифода мебарад? Чӣ гуна мо метавонем ҳикояти дар Ҳастӣ баёншударо бо маълумотҳои охирин оиди синни сайёраи мо оштӣ диҳем? Чӣ гуна мо метавонем мавҷудияти хазандаҳои қадимиро бо ҳикояти боби якуми Китоби Ҳастӣ муқоиса намоем? Дар хусуси он чи ба синни инсон ва замин дахл дорад, оё бозёфтҳои устухонҳои қадимӣ ё порчаҳои онҳо ба Китоби Муқаддас ихтилоф надоранд? Ва ниҳоят, оё тахмин кардан мумкин аст, ки рӯзҳои офариниш дар асл на рӯзҳои муқаррарии иборат аз 24 соат, балки давраҳои тӯлонӣ буданд, ки шояд ҳазорсолаҳо давом меёфтанд?*

## Китоби Муқаддас ва эволютсия

Дар замони ҳозира оиди пайдоиши одам чор назарияи асосӣ вуҷуд доранд. 1) *Эволютсияи атеистӣ* одамро натиҷаи раванди эволютсия меҳисобад, ки аз шакли соддаи ҳаёт сар шудааст. Ин назария оиди чӣ гуна пайдо шудани ҳаёт ҳеҷ чиз намегӯяд ва ин онро беасос мегардонад. 2) *Эволютсияи теистӣ* эътироф мекунад, ки Худо ҳаётро дар шакли соддатарин офарид, аммо дар баробар ин мегӯяд, ки баъд Худо раванди эволютсияро сар кард, то одам ҳамон тавре шавад, ки ҳозир ҳаст. 3) *Офариниши прогрессивӣ* – назарияе ки байни эволютсияи теистӣ ва офариниши фаврӣ

* Ин мавзӯъҳо дар китоби профессор Эдгар Эндрюс "Ҳама чиз аз ҳеҷ чиз; креатсионизм ва эволютсия; содда, дастрас, фаҳмо" (Минск, Алфом, 1998).

меистад. Он якчанд амалҳои офаринишро эътироф менамояд ва дар ин бобат аз эволютсияи теистӣ фарқ мекунад, аммо, аз тарафи дигар, дар раванди иҷроиши нақшаҳои Худо (ки бо мурури замон ва дар рафти равандҳои мураккаб амалӣ мегарданд) ба қувваҳои табиат аҳамияти зиёд медиҳад. 4) Офариниши фаврӣ ҳикояти Китоби Ҳастиро айнан қабул мекунад ва мегӯяд, ки Худо Одамро чун мавҷуди ахлоқӣ офарид, ки рӯҳ, ҷон ва бадан дорад, ва ин амали офариниш фаврӣ буд ва муддати садсолаҳо ва давраҳо тӯл накашида буд. Муаллиф ин назарияро ҳақиқатан библиявӣ меҳисобад.

Аммо оиди эволютсия чӣ гуфтан мумкин аст? Оё он ба ягон тарз метавонад бо таълимоти Китоби Муқаддас мувофиқат кунад. Яке аз мушкилоте ки садди роҳи ҷавоби аниқ мегарданд, он аст, ки дар байни ҷонибдорони назарияи эволютсия ҳамфикрие нест, ки ин назария дар асл аз чӣ иборат аст. Аммо барои осон кардани ин масъала онро ба асос мегирем, ки мувофиқи ин назария, одам аз шаклҳои пасттари ҳаёт ба вуҷуд омада, ба марҳилаи ҳозира расид. Оё ин равандро дар ду боби аввали Китоби Ҳастӣ дидан мумкин аст?

Аксари хонандагони Китоби Муқаддас дар он ҳамфикр ҳастанд, ки аз матни бобҳои 1-ум ва 2-юми Ҳастӣ чунин бармеояд, ки Худо Одамро мавҷуди дорои ахлоқ, ҳиссиёт ва ирода офарид. Сарсахттарин ҷонибдорони назарияи эволютсия мегӯянд, ки ихтилофот байни ақидаҳои онҳо ва таълимоти Китоби Муқаддас маҳз аз ҳамин сабаб ва миён меоянд. Т. Ҳакслӣ, дӯсти наздик ва ҳимоятгари асосгузори назарияи эволютсионизм, Чарлз Дарвин, гуфтааст: “Қабули собитқадамонаи эволютсия барои бовар ба Китоби Муқаддас ҷое намегузорад”.*

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Худо одамро ба сурат ва шабоҳати Худо офарид (Ҳас. 1:26,27). Изҳорот оиди он ки одам ва маймун аҷдоди умумӣ доштанд, ва он сурат ва шабоҳати Худоро дошт, бемаъност.

Порча аз Румиён 1:19-32 тасдиқ мекунад, ки одами ибтидоӣ мавҷуди ахлоқан олӣ буд. Ӯ оиди Худо ва қудрати ҷовидони Ӯ ба воситаи гувоҳии офариниш медонист. Аммо ӯ Худои ҳақиқиро донистан нахост ва бутпараст шуд ва санамҳои чӯбин ва сангиро парастиш мекард. Дар натиҷа ба фисқу фуҷур ғӯтид. Раванде ки

* Иқтибос аз Tatford, F.A., *Is the Bible Reliable* (London: Henry E.Walter, Ltd., no date), p.20.

дар ин боб тасвир ёфтааст, – на раванди эволютсия бо инкишофи пайиҳам, балки раванди дегенератсия аст, ки ба ҷарӣ мебарад. Ин ҳаракат сӯи камолот не, балки баръакс аст.

Дар боби 1-уми Ҳастӣ даҳ бор гуфта шудааст, ки Худо ба тамоми мавҷудоти зинда фармуд, то "мувофиқи ҷинси худ" насл диҳад. Принсипи асосии ҳаёт ҳамин аст. Гибридҳо пурсамар нестанд, ва мавҷудоти биологӣ ба ҳар ҳол ҳар яке ба типи худ бармегарданд. Таърихи ҷаҳон ягон мавридеро намедонад, ки ягон мавҷуди биологӣ насли типи дигар тавлид намояд. Г. К. Честертон боре гуфта буд: "Аз афти кор, аксари эволютсионистҳо оиди ҳалқаи намерасидаи силсила ҳама чизро медонанд, ғайр аз он факт, ки он *намерасида* аст!" Ин "ҳалқаи намерасидаи силсила" то ҳол намерасида аст. Ҳеҷ гоҳ чунин нашудааст, ки мавҷуди инсонӣ аз ягон мавҷуди биологии ғайриинсонӣ ва вуҷуд омада бошад. Дар ин ҷо ба ёд овардани суханони олими беимон, Томас Ҳакслӣ, бамаврид аст: "Фаразияи зебое ки факти даҳшатовар онро нобуд мекунад, фоҷиаи бузурги илм аст".*

Фириста Павлус низ зидди эволютсия гувоҳӣ медод, вақте менавишт: "На ҳар гуна гӯшт айни ҳамон гӯшт аст, балки гӯшти одамон дигар аст, гӯшти чорпоён дигар, гӯшти моҳиён дигар, гӯшти мурғон дигар" (1Қӯр. 15:39). Ҳеҷ  гуна бозёфтҳои илмӣ ҳанӯз натавонистаанд ин фактро рад кунанд, ҳамчунин олимон барои исбот кардани табдилёбии намудҳои биологӣ шаҳодатҳо надоранд.

Ҳатто агар эволютсия инкишофи Одамро маънидод мекард, ба ҳар ҳол бо масъалаи пайдоиши Ҳавво рӯ ба рӯ мешуд. "Ҳеҷ гуна назарияи эволютсия аз Одам пайдо шудани Ҳавворо маънидод карда наметавонад". Пайдоиши ҷинсҳои гуногунро танҳо бо офариниши махсус маънидод кардан мумкин аст.

Эволютсия душвории математикиро ба вуҷуд меоварад. Ҳисоббаророн суръати афзоиши аҳолиро пешгӯӣ карда метавонанд. Миқдори ҳозираи аҳолиро ба асос гирифта, онҳо хулоса мебароранд, ки бар хилофи ақидаи эволютсионистҳо, инсоният чунин пир буда наметавонад. Агар инсонҳо даҳҳо ҳазор сол боз дар замин мезистанд, шумораи одамон аз ҳозира хеле зиёдтар мебуд.

---

* Иқтибос аз Pollock, A. J., Why I Believe the Bible (London: Central Bible Truth Depot), p.52.

Пас Китоби Муқаддас на танҳо ба назарияи эволютсия ихтилоф дорад, балки таҷрибаи илмӣ низ наметавонад ба фоидаи чунин назария далелҳои боварибахш пешкаш намояд. Ва, бо вуҷуди ин ҳолат, ин “назария”-ро дар мактабҳои миёна ва олӣ таълим медиҳанд, гӯё он факти исботшудаи илмӣ бошад. Ва донишҷӯёне ки онро эътироф кардан намехоҳанд, гирифтори хандаву масхара мегарданд. Чунин бешарафии ақлонӣ хислати ҳақиқии касонеро, ки ин амалро пеш мебаранд, ошкор менамояд.

## Китоби Муқаддас ва синни замин

Моро мепурсанд: “Чӣ тавр шумо он чиро, ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, бо маълумотҳои илмӣ оиди синни замин мувофиқат кунонда метавонед?” Ҳозир олимон тахмин мекунанд, ки синни Замин аз се то шаш миллиард сол аст.* Дар ин ҷо барои нодурустфаҳмиҳо сабабе нест, чунки Китоби Муқаддас ҳеҷ гуна санаи офарида шудани заминро намедиҳад. Дар Ҳастӣ 1:1 танҳо гуфта шудааст: “Дар ибтидо Худо осмон ва заминро офарид”. Ин воқеаро бо ҳеҷ гуна сол ишора карда наметавонем. Танҳо ибтидои амалҳои Худо ҳаст, ки таърихаш зикр нашудааст. Пас, илм дар ин ҷо барои ҳимоя ё рад намудани Китоби Муқаддас ҳеҷ чиз пешкаш карда наметавонад.

## Китоби Муқаддас ва синни боқимондаҳои динозаврҳо

Чунин ҳисобида мешавад, ки боқимондаҳои динозаврҳо ба давраи хеле пештар аз офариниши ҳайвонот, ки дар Ҳастӣ 1:24,25 тасвир ёфтааст, тааллуқ доранд. Агар чунин бошад, мавҷудияти динозаврҳоро бо ҳикояти Китоби Ҳастӣ чӣ гуна мувофиқат кунондан мумкин аст? Дар асл Китоби Муқаддас намегӯяд, ки динозаврҳо кай офарида шудаанд. Агар ҳақ ба ҷониби олимон бошад, ки динозаврҳо аз офариниши ҳайвонот, ки дар Ҳастӣ 1:24 зикр шудааст, хеле пештар мезистанд, пас метавон фарз кард, ки онҳо дар давраи аз ҳама пештари офариниш, ки оиди он дар Ҳастӣ 1:1 гуфта мешавад, офарида шуда буданд. Ҳеҷ чиз дар Китоби Муқаддас ба он мухолифат надорад, ки худи ҳамон вақт мавҷудоти зинда низ пайдо шуданд. Бисёр муҳаққиқони бонуфузи Китоби Муқаддас чунин меҳисобанд, ки байни воқеаҳое ки дар ду ояти аввали Ҳастӣ тасвир ёфтаанд, вақти зиёде гузаштааст. Дар

* Эндрюс, “Ҳама чиз аз ҳеҷ чиз”, с. 83.

аввал Худо осмону заминро офарид. Дар ояти дуюм бошад гуфта мешавад: “Ва замин бешакл ва холӣ буд”. Феъли “буд”-ро ба маънои “шуд” фаҳмидан мумкин аст. Ҳақиқатан, маънои “шуд” ба маънои ибтидоии калима бештар мувофиқат мекунад. Дигар хел карда гӯем, Худо заминро комил офарид, аммо он бешакл ва холӣ шуд. Ишаъё возеҳан мегӯяд, ки Худо заминро беҳуда наофаридааст: “Зеро Худованде ки афлокро офаридааст, чунин мегӯяд; Ӯ Худоест, ки заминро ба вуҷуд овардааст ва сохтааст; Ӯ онро барқарор намудааст; онро на аз барои он офаридааст, ки бодияе бошад, балки аз барои он ба вуҷуд овардааст, ки маскун бошад”(Иш. 45:18).

Пас чӣ боиси ҳарҷумарҷ дар замин гардид? Баъзе муҳаққиқони Китоби Муқаддас мегӯянд, ки ин натиҷаи исёни шайтон буд ва ба Ишаъё 14:12-17; Ҳизқиёл 28:12-19 ишора мекунанд. Мувофиқи ин ақида, дар замин дигаргунии бузурги харобиовар рух дод, ки заминро “бешакл ва холӣ” гардонд. Ва агар динозаврҳо ҳангоми офариниши аввалин пайдо шуда бошанд, ин дигаргунии харобиовар сабаби нобуд шудани онҳоро фаҳмонда метавонад. Азбаски ҳеҷ чиз ба он далолат намекунад, ки байни воқеаҳои ду ояти аввал чанд вақт гузаштааст, ҳеҷ чиз ба тахмини мо оиди ба кадом замон тааллуқ доштани боқимондаҳои сангшудаи динозаврҳо монеъ шуда наметавонад. Калимае ки ҳангоми тасвири офариниши ҳайвонот дар Ҳастӣ 1:25 истифода шудааст, нишон медиҳад, ки ин ҳайвонот “дар ҷинси худ” аввалин буданд. Ин имконияти онро истисно намекунад, ки ҳайвоноти пештараи ҷинси дигар он вақт аллакай нобуд шуда буданд. Ҳамин тариқ, ҳатмӣ нест гӯем, ки таълимоти Китоби Муқаддас бо факти мавҷудияти боқимондаҳои сангшудаи динозаврҳо ихтилоф дорад.

*Ҳангоме ки тайёр мешавед, ба саволҳои дарси 5 дар дафтари имтиҳонӣ ҷавоб диҳед.*
*Илтимос, то даме ки ба саволҳои ҳамаи дарсҳо ҷавоб надиҳед, ин маводро барои тафтиш нафиристед.*

**ДАРСИ 6**

# Боз оиди Китоби Муқаддас ва илм

## Китоби Муқаддас ва синни инсон дар рӯи замин

Ин масъаларо мухтасар чунин баён кардан мумкин аст. Дар ҳоле ки Китоби Муқаддас оиди санаи муайяни офарида шудани Одам маълумоте намедиҳад, насабномаи Одам то Масеҳ ба фикре меоварад, ки инсони аввалин дар рӯи замин 4-8 ҳазор сол сол пеш аз милод пайдо шудааст. Аз тарафи дигар, олимон боқимондаҳои устухонҳо ва порчаҳои онҳоро ёфтаанд, ки ба фикри ҷонибдорони эволютсия, синнашон тақрибан 500 000 солро ташкил медиҳад. Ин гуна фарқро дар маълумот чӣ гуна баҳо додан мумкин аст? Ҳангоми баррасии ин масъала якчанд фактҳоро ба назар гирифтан даркор аст.

Аввалан, тавзеҳот ба насабномаҳо ва ҷадвалҳову схемаҳои хронологӣ, ки дар бисёр Китобҳои Муқаддас ҷой дода шудаанд, қисми матни китоб нестанд. Онҳо бисёр вақт офариниши инсонро соли 4004-уми то милод санагузорӣ мекунанд. Имрӯзҳо мо мефаҳмем, ки дар маълумотҳои насабномавӣ ҷойҳои холӣ ҳастанд, ки аниқтар кардани ин санаро металабанд, аммо ҳатто бо назардошти ин ҷойҳои холӣ ба ҳар ҳол ба хулосаҳои олимони ҳозира намеоем.

Баъзе усулҳое ки олимон ҳангоми муайян кардани синни инсон дар рӯи замин истифода мебаранд, хеле шубҳаовар мебошанд. Яке аз онҳо усули аз рӯи устухонҳо ё порчаҳои он барқарор намудани симои инсони қадимӣ аст. Нодуруст истифода шудани ин усулро профессор А. Ҳутон аз донишгоҳи Ҳарвард эътироф намуда, гуфтааст: “Баъзе анатомҳо косахонаҳои сарро барқарор карданӣ шуда, ба ягон шакли косахонаи сар қисмҳои мулоими сару рӯйро мечаспонанд, ва ҳамин тариқ гӯё симои инсони қадимиро ба даст меоваранд. Аммо, ҳангоме ба ёд меоварем, ки дар аксари мавридҳо косахонаҳои сар дар кадом ҳолат то замони мо расидаанд – одатан дар онҳо устухонҳои рӯй нестанд, – мефаҳмем, ки ҳатто барқарор намудани рӯи косахонаи сар аз ҷиҳати баъзе унсурҳо шубҳаовар аст. Натиҷаҳои кӯшишҳои гуногуни барқарор намудани косахонаи сари одами пилтдаунӣ, ки Смит-Вудворд, Кейт ва дигар экспертҳо (мумайизон) ба амал овардаанд, аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд. Кӯшишҳои барқарор намудани қисмҳои мулоими косахонаи сар аз ин ҳам шубҳаовартар аст. Лабҳо, чашмон, гӯшҳо ва тағояки биниро аз рӯи

устухонҳои косахонаи сар барқарор кардан амалан имконнопазир аст. Бо ҳамин гуна муваффақият шумо метавонед аз рӯи косахонаи сари шимпанзе ё суроби ягон файласуф модели косахонаи сари одами неандерталиро тартиб диҳед. Ин реконструксияҳои хеле тақрибии инсони қадимӣ ҳеҷ арзиши илмӣ надоранд, ва аҳли ҷамъиятро ба иштибоҳ меандозанд. Аз рӯи устухонҳои болоии косахонаи сар ва ду-се дандон барқарор намудани қисми болоии бадани питекантроп сафсата аст. Мо оиди симои питекантроп, одами гейделбергӣ, пилтдаунӣ ё неандерталӣ чизе намедонем. Мо оиди ҳолати мӯйҳои онҳо, ранги пӯст ва дигар тафсилоте ки аллакай зикр кардам, чизе намедонем. Бинобар ин ба реконструксияҳо бовар накунед”.[*]

Воқеа бо одами пилтдаунӣ (*Eoantropus dawsoni*) бори дигар нишон медиҳад, ки ин усулҳои илмӣ ба танқид тоб намеоваранд. Реконструксия бо усуле ки ҳоло зикр намудем, иҷро шуда буд. Он дар асоси устухони ҷоғе ки соли 1912 дар наздикии Пилтдаун дар Англия ёфт шуда буд, гузаронда мешуд. Мувофиқи фикри олимон, ин одам дар ибтидои давраи яхбандӣ, ним миллион сол пеш зистааст. Аммо дар соли 1953 онҳоро ноумедии бузурге интизор буд, ҳангоме маълум шуд, ки ин устухони ҷоғ ба маймуни 50-сола тааллуқ дошт. Он чи бозёфти бузургтарини антропологӣ ҳисобида мешуд, акнун чун мистификатсияи бузургтарини аср дар таърих монд.

Яке аз монеаҳое ки барои ба солҳои 500 000-ум мансуб донистани ибтидои ҳаёти инсон халал мерасонанд, он аст, ки дар боби 4-уми Ҳастӣ мо инкишофи сохтмон, мусиқӣ, коркарди металл ва дигар нишонаҳои тамаддунро мебинем. Ҳеҷ як бозёфти археологӣ пеш аз 8000 ва 30000 сол то милоди Масеҳ мавҷуд будани чунин шаклҳои тамаддунро тасдиқ намекунад.[*] Ҳатто ҷонибдорони қатъии назарияи 500 000 сол пеш пайдо шудани одам эътироф мекунанд, ки ба давраи байни бобҳои 2-юм ва 4-ум тиққондани 470 000 сол душвор аст. Агарчи омӯзандаи Китоби Муқаддас бояд эътироф намояд, ки синни одамро дар рӯи замин намедонад, ӯ дарк мекунад, ки тасвирҳо ва насабномаҳои аз Ҳастӣ то Инҷили Матто зикршударо то ним миллион сол дароз кашидан ғайриимкон аст.

---

[*] Hooton, A. E., *Up From the Ape* (New York: The Millenium Co., 1935), p. 332.
[*] Ramm, Bernard, *The Cristian View of Science and Scripture* (Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans Publishing Company, 1956), p. 237.

## Рӯзҳои офариниши олам – рӯзҳо ё давраҳо?

Масъалаи дар ин аст: оё рӯзҳои дар боби 1-уми Ҳастӣ зикршуда ба маънои аслӣ рӯзҳои иборат аз 24 соат мебошанд, ё муддатҳои тӯлонии вақт? Имондорон дар ин масъалаҳо ихтилофи ақида доранд, ва дар ин ҷо бояд зикр кард, ки новобаста ба нуқтаи назари ин ё он кас, барои шубҳа кардан ба илҳоми илоҳии Навишта сабабе нест. Ин ҷо на масъалаи илҳоми илоҳӣ, балки масъалаи тафсир аст.

Дар доираи ин курс муфассал баррасӣ намудани ин масъала ғайриимкон аст. Мо фақат ақидаҳои гуногуни васеъ паҳншударо тасвир мекунем ва сабабҳои афзал донистани ақидаи қабулкардаамонро мефаҳмонем. Баъзе масеҳиён чунин меҳисобанд, ки рӯзҳои офариниши олам дар асл давраҳои номуайяни вақт мебошанд. Дигарон ин рӯзҳоро маҷозӣ мефаҳманд, чун "рӯзҳои ваҳй" – дигар хел карда гӯем, Худо таърихи офариниишро дар шакли рӯзҳо, ё марҳилаҳо ошкор намуда, оиди давомнокии онҳо чизе нагуфтааст. Ба фикри сеюмиҳо, ҳар яки ин рӯзҳо аз 24-соат иборат буд.

Ба дастгирии ақидаи охир се далел меоварем: 1) Одам дар рӯзи шашум офарида шуд (Ҳас. 1:26-31). Рӯзи дигар рӯзи ҳафтум буд, ва Одам дар давоми ҳамаи ин рӯзи ҳафтум зиндагӣ мекард. Агар ин рӯзи ҳафтум ҳазорҳо сол давом карда бошад, пас Одам дар лаҳзаи вафот кардан бояд хеле калонсолтар мебуд. Аммо дар Навишта аниқ гуфта шудааст, ки ӯ дар 930-солагӣ вафот кард (Ҳас. 5:5). Пас рӯзи ҳафтум давра буда наметавонист – он рӯзи астрономӣ буд. 2) Дар боби 1-уми Ҳастӣ мо шаш бор калимаҳои зеринро вомехӯрем: "Ва шом буд ва субҳ буд: рӯзи аввал". Бегоҳ ва субҳ на давраҳо ё марҳилаҳо, балки ҳудуди рӯзи офтобиро ташкил медиҳанд. 3) Дар Хуруҷ 20:8-11 Рӯҳи Худо оиди ҳафта бо ҳамон калимаҳое мегӯяд, ки оиди ҳафтаи тақвими яҳудӣ сухан меронад. Ин ҳафта, албатта, аз ҳафт рӯзи астрономӣ иборат буд. Бинобар ин мо чунин меҳисобем, ки дар Навишта рӯзҳои офариниши олам на давраҳо, балки рӯзҳои маъмулии тақвимӣ мебошанд.

## Китоби Муқаддас ҳақиқӣ аст

Баъди ҳамаи он чи карда ва гуфта шуд, аён аст, ки Худо Устоди ягона ва бехато аст. Ҳангоме ки Ӯ оламро офарид, дар он

асрори офаринишро ниҳон намуд. Аз он вақт инсон доимо аз кашфиётҳои худ фахр мекунад. Аммо вай дар ин ҷаҳон танҳо он чизро кашф мекунад, ки Худо ба вай бо офариниш ошкор намудааст. Ситорашиноси машҳур Кеплер қонунҳоеро, ки аз рӯи онҳо сайёраҳо дар атрофи Офтоб чарх мезананд, кашф намуда, гуфт: "Худои бузург, ман бо фикрҳои Ту фикр мекунам".

Китоби Муқаддас ба мо бисёр фактҳоро нисбати оламе ки дар он зиндагӣ мекунем, пешкаш менамояд. Агар баъзеи онҳоро илм ба мо ошкор намояд, мо ҳайрон мешавем, ки Китоби Муқаддас кайҳо оиди он гуфтааст, ё онҳоро дар назар дорад. «Д.М. Пембер дар китоби худ *Кӯдакии Замин* хеле аниқ мегӯяд: "Агарчи Китоби Муқаддас бо тасвири худ илмҳои табиатшиносиро инкишоф намедиҳад, он дар ҳама ҷо ҳақиқатҳоеро изҳор менамояд, ки бо мурури қонунҳои табиатро ҳарчи беҳтар дарк намудани олимон тадриҷан кушода мешаванд"».* Чун намуна кашфиётҳои зеринро оварда метавонем: муаллақ будани замин дар фазои коинот (Айюб 26:7); курашакл будани Замин (Айюб 22:14; Иш. 40:22; Мас. 8:27); дар гирди меҳвари худ ва дар гирди Офтоб давр задани Замин (Айюб 38:32); зичии абрҳо (Айюб 28:24-26); ба вуҷуд омадани барқ ҳангоми борон (Заб. 134:7). Дар Китоби Муқаддас бисёр ҳақиқатҳои илмии баҳснопазир ҳастанд, ки мо ҳанӯз намедонем, чунки дониши мо номукаммал аст.

## Бо илми ҳақиқӣ ихтилофе нест

Бо боварии калон гуфта метавонем, ки Китоби Муқаддас бо кашфиётҳои илмӣ ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ ихтилоф надошт. Китоби Муқаддас "ҳақиқат" аст, ва ҳақиқат наметавонад ба ҳақиқат ихтилоф дошта бошад (Юҳ. 17:17). Ва бигузор моро он чиз ба ташвиш наоварад, ки Китоби Муқаддас бо *назарияҳо*и доимо ивазшавандаи илми ҳозира ихтилофи ҳамешагӣ дорад. Боре Освалд Чемберс гуфта буд: "Агар Китоби Муқаддас бо илми ҳозиразамон мутобиқ мегардид, ба зудӣ кӯҳна мешуд, чунки илм табиатан бо дигаргуниҳо вобаста аст".* Ҳамин тариқ, мо ҳаққонияти Китоби Муқадасро маҳз дар он мебинем, ки он на ҳамеша бо хулосаҳои тағйирёбандаи илм розӣ мешавад! Имондорон бояд парастишро дар қурбонгоҳҳои илм қатъиян рад

* Ҳамон ҷо, с. 198,199.
* Иқтибос аз Pollock, A. J., *Why I Believe the Bible* (London: Central Bible Truth Depot), p. 52.

кунанд. Агар Худо ва Каломи Худо зери шубҳа гузошта шавад, хулоса бояд чунин бошад: “Худо барҳақ аст, агарчи ҳар одам козиб бошад” (Рум. 3:4). Агар олимон оиди бозёфтҳое гап зананд, ки ба Китоби Муқаддас ихтилоф доранд, ин маънои онро дорад, ки онҳо бояд ин масъаларо ҷиддитар тадқиқ кунанд. Ҳангоме ки онҳо ин масъаларо бо диққат ва амиқ тадқиқ мекунанд, мушкилиҳо аз байн мераванд.

*Ҳангоме ки тайёр мешавед, ба саволҳои дарси 6 дар дафтари имтиҳонӣ ҷавоб диҳед.*
*Илтимос, то даме ки ба саволҳои ҳамаи дарсҳо ҷавоб надиҳед, ин маводро барои тафтиш нафиристед.*

ДАРСИ 7

# Таърих такрор мешавад

Шайтон бори аввал дар боғи Адан ба Каломи Худо ҳуҷум овард. Вай он усулҳоеро, ки он вақт истифода мебурд, имрӯзҳо ҳам истифода мебарад. Бинобар ин усулҳои ӯро тадқиқ намудан ва ёд гирифтани ташхиси онҳо (дар ҳар ҷое ки аз нав зоҳир шаванд) хеле муҳим аст.

## Шубҳа

Қадами аввали вай аз он иборат аст, ки оиди ҳаққонияти Каломи Худо тухми шубҳа корад. Вай гуфтааст: "Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст?" (Ҳас. 3:1). Ин мурочиати аввалини шайтон аст, ки дар Китоби Муқаддас тасвир ёфтааст, ва шайтон чун пештара ҳамон суханонро мегӯяд – дар мактабҳои давлатӣ, коллеҷҳо, семинарияҳо. Вай аз қабул накардани Каломи Парвардигор сар кард. Вай ба ақлу ҳуши Ҳавво тухми шубҳа кошт. Бинобар ин, ҳар гоҳ шунавед, ки касе ба ҳаққонияти Китоби Муқаддас шубҳа мекунад, метавонед боварӣ дошта бошед, ки ин шахс силоҳест дар дасти шайтон. Эҳтиёт бошед, то ба ақлу ҳуши шумо низ ин шубҳаҳо ворид нагарданд; ин танҳо қадами аввал дар роҳ ба сӯи гуноҳи амиқтар аст.

## Таҳриф (вайрон кардан)

Усули дуюми шайтон таҳриф кардани Каломи Худост. Ӯ гуфтааст: "Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст, ки аз ҳамаи дарахтони боғ нахӯред?" (Ҳас. 3:1). Албатта, Худо ин ин гапро нагуфтааст. Ӯ ба Одам ва Ҳавво гуфт, ки аз ҳар  дарахти боғ хӯранд, ғайр аз як дарахт (Ҳас. 2:16.17). Аммо шайтон дидаву дониста суханони Парвардигорро таҳриф (вайрон) кард, то корҳои бади худро амалӣ гардонад. Касе гуфтааст, ки шайтон дар лаҳзаҳое ки Китоби Муқаддасро ба даст мегирад, хеле бадкирдор ва маккор мешавад. Вай инро барои он мекунад, ки Навиштаро таҳриф намояд, ба он аз худ чизе илова кунад, калимаҳои муҳимро партояд ё ба таври дигар мазмунашро вайрон кунад ва ба ҳамин восита одамонро аз ҳақиқат дур кунад (Мат. 4:6; муқ. Заб. 90:11-13).

## Инкор кардан

Шайтон ду қадами аввалро бо муваффақият гузошта, акнун Каломи Худоро ошкоро инкор мекунад. Вай гуфтааст: "Не,

нахоҳед мурд” (Ҳастӣ 3:4). Агар ӯ дарҳол аз чунин ҳуҷуми густохона сар намекард, шояд муваффақ намешуд. Бинобар ин ӯ аз шубҳаҳо сар кард, баъд таҳрифи Каломи Худро илова намуд ва танҳо пас аз ин мақсади ҳақиқии худро ошкор намуд. Мавҷуди офаридашуда ҷуръат кард, ки Каломи Офаридгори худро инкор кунад! Бадӣ ҳамин тавр меафзояд.

## Ҳуҷумҳо ба хислати Худо

Дар кӯшишҳои пештара муваффақ шуда, шайтон дар муҳаббат, хирад ва адолати Худо тухми шубҳа мекорад. “Балки Худо медонад, ки дар рӯзе ки аз он бихӯред, чашмони шумо воз хоҳад шуд, ва шумо, монанди Худо, орифи неку бад хоҳед шуд” (Ҳас. 3:5). Вай бо ин суханон ба он ишора мекунад, ки Худо аз Одам ва Ҳавво чизеро пинҳон медорад, ки барояшон фоиданок аст. Агар чунин бошад, пас дар Худо муҳаббат буда наметавонад.

## Иваз кардан

Ва ниҳоят, шайтон суханони Худоро бо суханони худ иваз мекунад. “Шумо, монанди Худо, орифи неку бад хоҳед шуд”. (Ҳастӣ 3:5). Шайтон дар сохтакорӣ моҳир аст. Вай барои ҳамаи чизҳои илоҳӣ ва парҳезгорона чизи ивазкунанда дорад. Вай худои қалбакӣ дорад – мамуно (сарват); Масеҳи қалбакӣ – Зиддимасеҳ; Китоби Муқаддаси қалбакӣ – китобҳои бисёр муаллимони дурӯғин ва пайғамбарони дурӯғин; Хушхабари қалбакӣ – наҷот аз рӯи амалҳо; Калисои қалбакӣ – ҷамъомади шайтон.

Оё ин усулҳо имрӯз ба шумо шинос наметобанд? Албатта! Аз ҳама тараф мо саволҳоро мешунавем: “Шумо аз куҷо медонед, ки Китоби Муқадас илҳоми илоҳӣ дорад?” “Наход Худо аз касоне ки шабу рӯз меҳнат мекунанд, даст мекашида бошад?” “Наход шумо ҳақиқатан фикр мекунед, ки дӯзах ва ҷазои абадӣ ҳаст?” Ҳамаи ин ба мо боғи Аданро хотиррасон мекунад. Муаллифи ҳамаи ин суханон як аст. Ва ҳамаи онҳо одамро аз Худо дур мекунанд.

Аммо касе ки огоҳ карда шудааст, омода мегардад. Павлус гуфтааст: “Аз дасисаҳои вай бехабар нестем” (2Қӯр. 2:11). Ва агарчи вай дар назари мо чун фариштаи нур тофта метавонад, суханонаш вайро ба даст меафтонанд (2Қӯр. 11:14). Ҳар боре ки мо шубҳаҳоро нисбати Китоби Муқаддас ё хислати Худо шунавем, медонем, ки онҳо аз ҷониби падари дурӯғ бармеоянд, ва

мо ба Каломи Худо муроҷиат карда, онҳоро мағлуб мекунем. “Ба шариат ва шаҳодат рӯ оваред! Ба яқин сухане мисли ин хоҳанд гуфт, ки он ҳеҷ маъное надорад” (Иш. 8:20; ниг. Юҳ. 8:44).

## Ба майдон талабидани мунаққидон

Чуноне ки мо аллакай гуфта будем, шайтон ба одамоне ки қурбониёни вай ҳастанд, чун пештара ба дурӯғи қадимии худ рӯ меоварад. Ин одамони сертакаллуф Каломи Худоро доварӣ мекунанд. Онҳо бо боварӣ изҳор менамоянд, ки Китоби Муқаддас ваҳйи илоҳӣ нест, ва бо ин суханон дар назар доранд, ки медонанд китоби аз ҷониби Худо навишташуда чӣ гуна бояд бошад, ва гӯё Китоби Муқаддас ба ин талаботҳо мувофиқат намекунад. Аз ин мунаққидон пурсидан шавқовар мебуд, ки ваҳйи илоҳии навишташуда аз он Китоби Муқаддасе ки мо имрӯз хонда метавонем, чӣ фарқ дорад. Албатта, онҳо ба ин савол ҷавоб дода наметавонанд.

Аммо биёед ба худ савол медиҳем: “Агар тасаввур кунем, ки Худо Худро ба одамон ба воситаи ягон китоб зоҳир намуда бошад, ин чӣ китобе мебуд?”

Пеш аз ҳама мо бояд интизори он бошем, ки ин китоб бепоён аст. Ин китоб бояд мундариҷаи беинтиҳо дошта бошад, то сазовори муаллифаш бошад. Он бояд ҳақиқатҳо ва асрореро дар бар гирад, ки одамро ба дарки умқи ганҷинаи он водор намояд.

Дуюм, дар ин китоб бояд ҳақиқатҳое бошанд, ки одам бо ақли худ фаҳмида наметавонад, балки танҳо бо имон қабул карда метавонад. Ҳамадонии Худоро дида, мо бояд эътироф намоем, ки Худо чизҳоеро медонад, ки мо ҳеҷ гоҳ дониста наметавонем. Агар китоби Ӯ аз дониши одамӣ болотар намебаромад, мо ҳеҷ гоҳ боварӣ дошта наметавонистем, ки он ба мо аз ҷониби Худо дода шудааст.

Ғайр аз он, ин китоб бояд ҳақиқатҳои бунёдиро дар бар гирад, ки барои ҳамаи онҳое ки ҳақиқатан хости Худоро фаҳмидан мехоҳанд, фаҳмо бошанд. Маҳз барои ҳамин мақсад Худо ба мо чунин китоберо медод, ва аз мақсади Худ ҳеҷ дур намешуд.

Аз тарафи дигар, мо гумон намекунем, ки асрори ин Китоб барои кунҷковон ё бепарвоён фаҳмо мебуданд. Вагарна чунин одамони худфиреб метавонистанд худситоӣ кунанд, ки дар Каломи Худо ҳеҷ чизи барояшон нофаҳмо нест.

Мо интизори он буда метавонистем, ки чунин Китоб асрори ибтидои олам, масъалаи гуноҳ ва маргро ошкор мекунад ва мегӯяд, ки пас аз марг чӣ ҳаст.

Бе шубҳа, китоби додаи Худо ҳеҷ ихтилоф, хато ё чизе намедошт, ки ақли одамиро носозгор кунад. Дар ин китоб бисёр чизҳои аз ақли одамӣ *болотар* мебуданд, аммо ҳеҷ чизе ки ба бовар кардани шахси ҳақиқатан самимӣ халал расонад, намебуд.

Ва ниҳоят, мо медонем, ки чунин китоб ба одамон таъсири мусбат мерасонд ва онҳоро на гуноҳкор, балки парҳезгор менамуд. Худо ба мо танҳо чунин ваҳй дода метавонист, ки одамонро торафт бештар ба Худи Ӯ монанд кунад.

Албатта. Бисёр тавсифоти дигар ҳастанд, ки метавонистем дар ин ҷо зикр кунем, аммо ҳаминаш кифоя аст. Ва Китоби Муқаддас ба ҳамаи ин ҷавобгӯ аст.

Ҳақиқатҳои он беинтиҳо мебошанд. Оиди онҳо то ҳол тафсирҳои нав ба нав менависанд. Дар он ганҷҳои нав ба нав пайдо мекунанд.

Баъзе ҳақиқатҳои Китоби Муқаддасро пурра фаҳмидан имкон надорад, аммо онҳоро бо имон қабул кардан мумкин аст. Чун намуна таълимотро оиди Ваҳдати Сегона, мафҳуми ҷовидонӣ, дар як шахсият муттаҳид шудани Худо ва одам овардан мумкин аст.

Ҳақиқати Хушхабарро мисгарон (Ҷон Бунян), ғуломфурӯшон (Ҷон Нютон) ва дигар намояндагони табақаҳои оддии ҷамъият дарк мекунанд. Аммо дар айни ҳол бисёр мутафаккирони беимон таълимоти онро фаҳмида наметавонанд ва мегӯянд, ки он нофаҳмо навишта шудааст.

Китоби Муқаддас ба мо қиссаи офариниши олам, ибтидои гуноҳ ва марг, роҳи наҷот ва драмаи ояндаро ошкор менамояд.
Бисёр касон Навиштаро дар хато айбдор карданӣ мешуданд, аммо ҳеҷ кас натавонистааст ягон хато ё ихтилофро нишон диҳад. Ҳеҷ чиз дар Китоби Муқаддас ба одами оқил халал намерасонад, ки илҳоми илоҳӣ доштани онро эътироф намояд.

Ниҳоят, Китоби Муқаддас, дар одам ҳисси нафратро ба гуноҳ ва муҳаббатро ба муқаддасӣ тавлид месозад. Он ба ҳамаи одамон як хел таъсир мерасонад – онҳоро назди Худо мебарад.

Ба ҳамаи ин гуфтаҳо онро илова кардан мумкин аст, ки воситаи амалии тафтиши Китоби Муқаддас ҳаст. Ана он дар чист! Аз мунаққиди Китоби Муқаддас хоҳиш кунед, ки тамоми онро аз Ҳастӣ то Ваҳй хонад. Аз ӯ хоҳиш кунед, ки ҳар дафъа пеш аз

хондан чунин дуои соддаро гӯяд: “Худованди азиз, агар ин китоби Ту бошад, агар ман гуноҳкори бадбахт бошам, агар Исои Масеҳ Наҷотдиҳандаи ягона бошад, инро ба ман ҳозир, ҳангоме Китоби Муқаддасро мехонам, нишон деҳ. Омин”. Касе ки бо чунин дуо Китоби Муқаддасро самимона ва бо диққат мехонад, метавонад боварӣ ҳосил кунад, ки ба он пурра бовар кардан мумкин аст. Зеро Худо гуфтааст: “Агар касе хоҳад иродаи Ӯро ба даст оварад, дар бораи ин таълим хоҳад донист...” (Юҳ. 7:17), ва аз паси ин ваъда вафодории Тахти Худо истодааст.

*Ҳангоме ки тайёр мешавед, ба саволҳои дарси 7 дар дафтари имтиҳонӣ ҷавоб диҳед.*
*Илтимос, то даме ки ба саволҳои ҳамаи дарсҳо ҷавоб надиҳед, ин маводро барои тафтиш нафиристед.*

ДАРСИ 8

# Ба истилоҳ душвориҳо дар Китоби Муқаддас

Мунаққидони Китоби Муқадас умуман ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд – онҳое ки ҳақиқатан баъзе ҷойҳои Китоби Муқаддасро фаҳмида наметавонанд, ва онҳое ки Навиштаро беэътибор кардан

мехоҳанд ва барои ин ҳамаи имкониятҳоро истифода мебаранд. Бо гурӯҳи аввал мушкилоти ҷиддӣ ба миён намеоянд, чунки Навишта дар ниҳояти кор ақли самимӣ ва кунҷковро подош медиҳад. Ба намояндагони гурӯҳи дуюми мунаққидон ҷавоб додан мумкин мебуд, аммо касе ки хости Худоро қабул кардан намехоҳад, то охир дар ақидаи худ устувор мемонад. Як масеҳӣ бо агностик дар хусуси илоҳияти Исо баҳс мекард ва ӯро бовар кунонда натавонист. Дар охир вай пурсид: “Агар ман шуморо ба ҳаққонияти мутлақи Китоби Муқаддас бовар кунонда метавонистам, оё тайёр мебудед, ки ба Масеҳ чун ба Наҷотдиҳандаи худ бовар кунед ва минбаъд барои Ӯ зиндагӣ кунед?” “Албатта, не”, – ҷавоб дод агностик. Ва масеҳӣ гуфт: “Пас мо барои чӣ баҳс мекунем, агар шумо тайёр нестед мувофиқи ақидаҳои худ амал намоед?” Дар ин ҷо мо баъзе душвориҳои маъмулро, ки дар робита бо таълимоти Китоби Муқаддас пайдо мешаванд, дида мебароем.

**Қобил аз куҷо ба худ зан гирифт?**

Ҷавоби оддитарин ба ин савол: “Ӯ яке аз хоҳарони худро ба занӣ гирифт”. Дар Ҳастӣ 5:4 мехонем, ки Одам “писарон ва духтарон ба дунё овард” Дар он замон қонунҳое набуданд, ки никоҳи байни бародарону хоҳаронро манъ кунанд. Зиёда аз ин, касе ки хоҳари худро ба занӣ нагирад, ба давом ёфтани насли одамӣ мусоидат намекард. Танҳо дертар Худо никоҳи байни хешовандони наздикро манъ кард (Иб. 18:8,9).

## Фармони Худо ба исроилиён оиди нобуд кардани канъониён

Ҳангоме ки фарзандони Исроил аз Миср ба Канъон мерафтанд, Худо ба онҳо фармуд, ки сокинони Канъонро нобуд кунанд (Так. Шар. 20:16-18). Ин бисёр вақт боиси эътироз ба Китоби Муқаддас мегардад. Чӣ гуна Худои муҳаббат метавонист ба нобуд кардани як халқи пурра даъват намояд? Ҷавоб ин аст, ки агарчи Худо Худои муҳаббат аст, Ӯ Худои муқаддас ва адолат низ ҳаст. Ӯ гуноҳро ҷазо медиҳад. Сокинони Канъон гуноҳкорони даҳшатовар буданд ва корҳои зишт мекарданд (3Подш. 21:26). Худо 400 сол ба бадкирдориҳои онҳо тоқат кард. Ва инак, “гуноҳи амӯриён” пур шуд (Ҳас. 15:16), ва Худо онҳоро барои бутпарастии даҳшатовар ва бадахлоқии даҳшатовар ҷазо дод. Аммо Худо на

танҳо ҷазо медод, Ӯ ба ҳамин тариқ гуноҳро пешгирӣ мекард. Худо намехост, ки халқи Ӯ зери таъсири фосидкунандаи халқҳои ҳамсоя монда, бутпараст шавад (Так. Шар. ). Имрӯзҳо духтурон узвҳои пӯсидаи (гангрена) баданро мебуранд, то ки тамоми бадан ҳалок нашавад. Худо низ ҳамин тавр ин халқи бутпарастро нобуд кард, то ки халқҳои тамоми ҷаҳон зери таъсири фосидкунандаи гуноҳи онҳо намонад (Так. Шар. 9:5).

## Бисёрзанӣ дар Паймони Куҳан

Муаллифони китобҳои Паймони Куҳан пинҳон намекарданд, ки аз Ломак сар карда, амалияи бисёрзанӣ паҳн шуда буд (Ҳас. 4:23). Аммо бояд дар ёд нигоҳ дошт, ки Худо на ҳамаи он чиро, ки дар китобаш баён намуданро фармудааст, таҳсин менамуд. Худо аз ибтидо мехост, ки як мард танҳо як зан дошта бошад (Мат. 19:4,5,8). Бисёрзанӣ ҳеҷ гоҳ хости Худо барои халқаш набуд.

## Мушкилоти археологӣ

Дар ҳама замонҳо бозёфтҳои археологӣ барои исботи нодурустии Китоби Муқаддас истифода мешуд. Аммо дар асл ҳамааш баръакс буд. Бозёфтҳои археологӣ “ба мо имкон медиҳанд симои Канъони қадимиро барқарор намоем, ки пурра бо тасвири Китоби Муқадас мувофиқат мекунад”. Лавҳачаҳои сафолӣ номҳои шахсонеро, ки дар Китоби Муқаддас вомехӯранд, дар бар мегиранд”.*

## Юнус ва наҳанг

Ин ҷои Китоби Муқаддас ҳамеша ҷои дӯстдоштаи мунаққидон буд. Онҳо бар ҳикояте механдиданд, ки дар он наҳанг чунон калон буд, ки одамро фурӯ бурда тавонист, ва одам дар даруни наҳанг се шабонарӯз зиста тавонист. Онҳо гумон карданд, ки қувваи Худоро бо ҷадвал чен карда метавонанд, аммо таърихи минбаъда ба мо ҳолатҳои воқеиеро пешкаш намудааст, ки моҳиён одамонро фурӯ мебурданд, ва онҳо зинда мемонданд. Ба мо мегӯянд, ки Худо моҳиро тайёр кард. Худо чунин кард, ки ҳангоме Юнус аз киштӣ ба баҳр афтид, ин моҳӣ дар назди киштӣ буд. Худо чунин кард, ки моҳӣ Юнусро қайъ карда, ба соҳил партофт. Ҳамаи ин мӯъҷиза буд. Бигузор он чун мӯъҷиза монад.

---

* Ниг. “Чӣ тавр Китоби Муқаддас пайдо шуд”, с. 33-35, 152-156.

## Аз бокира зода шудан*

Аз бокира зода шудани Худованди мо низ барои бисёр одамон мавзӯи душворфаҳм аст. Чунин одамон мегӯянд, ки азбаски онҳо шахсан чунин ҳолатҳоро намедонанд, пас ин умуман ғайриимкон аст. Аммо онҳо фаромӯш мекунанд, ки “Ба Худо ҳама чиз имконпазир аст”. Батни Марям танҳо ҷое буд, ки аз он ҷо Худованд ба ҷаҳон дар симои одамӣ ворид шуд.

## Растохези Масеҳ

Ин масъала мунаққидонро ором намегузорад. Ақлҳои онҳо оиди он чи “дар асл” рӯй дода буд, миқдори зиёди назарияҳоро офаридаанд. Назарияи аввалин дар Матто 28:11-15 баён шудааст. Аммо ҳамаи ин назарияҳо бо гуфтаҳои худи Китоби Муқаддас рад карда мешаванд.

## Ҷазои абадӣ

Идея оиди он ки гуноҳкорон дар дӯзах ҷовидона азоб хоҳанд кашид, аз афташ, ба тасаввуроти бисёр одамон оиди хислати Худо мувофиқат намекунад. Магар Худои дӯстдор метавонад бо беимонон чунин рафтор намояд?

Пеш аз ҳама биёед ба ёд оварем, ки оё дар Китоби Муқаддас идея оиди ҷазои абадӣ ҳаст ё не? Албатта, ҳаст! Ҷон Нелсон Дарбӣ чунин рӯйхати оятҳоеро тартиб дод, ки дар онҳо оиди ҷазои абадӣ гуфта мешавад.*

---

* Барои омӯзиши муфассалтари ин масъала ба китоби Machen, J. C., The Virgin Birth of Christ (New York: Harper & Bros., 1930) муроҷиат намоед.

* *The Eternity of Punishment* (New York: Loiseaux Bros.), p. 5. Маводи зиёде оиди ҷазои абадӣ дар китобҳои Grant, F. W., *Facts and Theories as to a Future State* (New York: Loizeaux Bros.); Grant, F. W. *Man and the Future State* (New York: Loizeaux Bros.) оварда шудаанд; конспекти маводи дар боло зикршуда; Barlow, J. L. *Endless Being* (London: Pickering & Inglis).

| | |
|---|---|
| Матто | 3:10,12 |
| | 5:22, 29, 30 |
| | 6:15 |
| | 7:13, 23 |
| | 8:12 |
| | 10:28, 33 |
| | 11:22 |
| | 12:31, 32 |
| | 13:40, 41, 42, 49, 50 |
| | 18:8, 9 |
| | 22:13 |
| | 23:33 |
| | 25:46 |
| | 26:24 |
| Марқус | 3:29 |
| | 8:36 |
| | 9:43, 44 |
| | 16:16 |
| Луқо | 12:4, 5, 9, 10 |
| | 16:19, 31 |
| Юҳанно | 3:3, 15, 36 |
| | 5:29 |
| | 6:53 |
| | 8:24 |
| Аъмол | 1:25 |
| Румиён | 1:18 |
| | 2:15-16 |
| | 9:22 |
| 1Қӯринтиён | 1:18 |
| | 3:15 |
| Филиппиён | 1:28 |
| | 3:18 |
| 2Таслӯникиён | 1:8-10 |
| | 2:10, 12 |
| | 6:9 |
| 1Тимотиюс | 6:9 |
| Ибриён | 6:6 |
| | 10:26-31 |
| Яъқуб | 5:20 |
| 2Петрус | 2:9, 17, 21 |
| | 3:7 |
| 1Юҳанно | 5:12 |
| Яҳудо | 13 |
| Ваҳй | 14:9, 10, 11 |
| | 20:10-15 |
| | 21:5-8 |

Оё ба хусусиятҳои Худо мувофиқат мекунад, ки Ӯ бояд одамони беимонро ба дӯзах равона кунад? Албатта, ҳа! Росткории Худо талаб мекунад, ки гуноҳ ҷазо дода шавад. Ӯ аз рӯи муҳаббати Худ намехоҳад, ки касе нобуд шавад. Он чиро, ки росткории Ӯ талаб мекунад, муҳаббати Ӯ ба ҷо меоварад. Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро фиристод, ва Ӯ ҷазоеро, ки мо аз боиси гуноҳҳоямон сазовор будем, ба Худ гирифт. Азбаски Масеҳ дар Ҷолҷолто ба мо сӯи кафорат роҳ кушод, Худо ҳамаи онҳоеро, ки Писари Ӯро чун Наҷотдиҳанда қабул мекунанд, наҷот медиҳад. Ва агар одамон ба дӯзах раванд, онҳо инро аз рӯи интихоби худ мекунанд. Ҳамаи онҳое ки Масеҳ ва меҳнати кафораткунандаи Ӯро рад мекунанд, сазовори чунин тақдир дар абадият ҳастанд.

Танқиди Китоби Муқаддас натиҷаи надонистани Каломи Худост. Исо ба касоне ки Ӯро танқид мекарданд, чунин гуфт: "Шумо гумроҳ ҳастед, аз он рӯ ки Навиштаҳоро намедонед" (Мат.

22:29). Линтон дар китоби худ “Ҳуқуқшинос Китоби Муқаддасро тафтиш мекунад”[*] мегӯяд, ки ҳамаи ҳуқуқшиносоне ки ӯ бо онҳо вохӯрдааст ва онҳо агностик ҳастанд, ҳеҷ гоҳ шаҳодатҳоеро нахондаанд, ки нодурустии Китоби Муқаддасро исбот мекарда бошанд. Зиёда аз ин, ӯ мегӯяд, ки ҳар агностике ки бо гувоҳиҳои ҳаққонияти Китоби Муқаддас шиносо мешуд, агностик буданро бас мекард ё масеҳӣ мешуд. Он ихтилофоти ночизе ки дар матни Китоби Муқаддас ёфтан мумкин аст, аз боиси тарҷумаҳои ноаниқ ба миён омадаанд. Баъзе душвориҳо аз он сабаб пайдо мешаванд, ки Китоби Муқаддас аз вақт пеш мегузарад, ва фаҳмиши сирф даҳрӣ маънои навиштаҳоро дарк карда наметавонад! Аммо барои ақли самимӣ ва ҷӯянда дар Китоби Муқаддас ҳеҷ чизи ғайриимкон ва даркнашаванда нест.

*Ҳангоме ки тайёр мешавед, ба саволҳои дарси 8 дар дафтари имтиҳонӣ ҷавоб диҳед.*
*Илтимос, то даме ки ба саволҳои ҳамаи дарсҳо ҷавоб надиҳед, ин маводро барои тафтиш нафиристед.*

[*] Linton, A. *Lawyer Examines the Bible* (Boston: W.A. Wilde Co,. 1943). Барои муфассалтар дида баромадани душвориҳои вобаста ба Китоби Муқаддас ба J. N. Darby, *The Irrationalism of Infidelity* (London: G. Morrish), pp. 104-389 муроҷиат кунед.

ДАРСИ 9

# Ҳаёти Худованд Исои Масеҳ

## Вазифаи ғайриимкон

Яке аз далелҳои боварибахштарини илҳоми илоҳӣ доштани Навишта ҳаёти Худованд Исо аст. Чунин тарҷумаи ҳолро ҳеҷ як инсони муқаррарӣ навишта наметавонист. Зиёда аз ин, одам умуман наметавонад қиссаи зиндагии шахсияти бегуноҳро нависад. Дар хислати персонаж ба ҳар ҳол ягон камбудӣ роҳ мeёфт; ӯ албатта ягон коре мекард ё сухане мегуфт, ки ба талаботи камолот ҷавобгӯ нест. "Одамони бад наметавонистанд персонажи комилро бофта бароваранд ва оиди ӯ китобе нависанд. Одамони хуб ӯро бофта баровардан намехостанд. Ва ин ҳикоят ба монанди худи ҳаёт ҳайратовар аст, ва ҳамчунин оиди Худо мегӯяд.

Агар масеҳиятро одамон бофта бароварда бошанд ва Китоби Муқаддас Каломи Худо нест, одамон феномени Исои Масеҳро чӣ гуна маънидод мекунанд? Мавҷудияти Ӯ факти таърихӣ аст, ва онҳо инро рад карда наметавонанд. Чӣ гуна, бе истифодаи ришва, қувва ё пул, Ӯ бар ҷаҳони мо он қудратеро дорад, ки ҳамаи мо ҳис мекунем? Ӯ кӣ буд? Ӯ чӣ гуна буд? Ӯ аз куҷо омад? Чӣ гуна маънидод кардан мумкин аст, ки на пеш ва на баъди Ӯ дар таърихи инсоният шахсияти ба Ӯ монанд набуд? Онҳо инро маънидод карда наметавонанд. Ва ҳеҷ чиз инро фаҳмонда наметавонад, ғайр аз принсипи асосии бузург, ки ба воситаи ваҳйи дин ба мо расидааст оиди он, ки Исои Масеҳ Худо аст, Инҷил бошад ҳақиқати комил аст".*

Мӯъҷизаи чор матни Инҷил он аст, ки мо дар онҳо на як, балки ЧОР ҳикояти гуногунро оиди зиндагии Шахсияти бегуноҳ, беайб – Писари таҷассумёфтаи Худо дорем. Ҳикоятҳои инҷилӣ ҳақиқатан мӯъҷиза мебошанд ва сазовори он мебошанд, ки мо онҳоро беҳтар донем. Агар Худо Одам шуда, дар ин ҷо, дар замин

* Ryle, J. C., Holiness (London: Jas. Clarke & Co., Ltd., 1956), p. 295. Ниг. ҳамчунин Гудинг, "Масеҳият: афюн ё ҳақиқат?" (Москва: СИРИН – ХМЦ, 1994), с. 7-11.

зиста бошад, Ӯ чӣ гуна буд? Матто, Марқус, Луқо ва Юҳанно ба мо симои воқеӣ ва ҳикояти шоҳидони чунин зиндагиро медиҳанд. Онҳо ба мо камолоти бемонанди Касеро тасвир менамоянд, ки Худои ҳақиқӣ ва Одами ҳақиқист. Ин одамон ҳеҷ чизро аз худ бофта набаровардаанд. Онҳо танҳо он чиро, ки дидаанд ва шунидаанд, ҳикоят кардаанд. (Ниг. 1Юҳ. 1:1) Ва Касе ки онҳо оиди Ӯ ҳикоят кардаанд, ва Муаллифе ки фиристагонро ба навиштан водор мекард, Худи Худованд буд. Пурра мантиқист тахмин кунем, ки танҳо Шахсияти комил метавонад ба мо оиди чунин шахсият ҳикоят кунад! Дигар хел карда гӯем, тасвири ҳақиқии Худоро ба мо танҳо Худо дода метавонист.

Теодор Паркер, беимони амрикоӣ, чунин навиштааст: "Оиди Исо аз рӯи сояе ки Ӯ дар ҷаҳон боқӣ гузоштааст, қазоват намоед; не, аз рӯи нуре, ки Ӯ бар он фурӯ рехт. Оё мо акнун мегӯем, ки чунин Шахсият вуҷуд надошт? Ва ҳамаи ин воқеаҳо дурӯғ мебошанд? Тасаввур кунед, ки Платон ё Нютон ҳеҷ гоҳ зиндагӣ накардаанд. Аммо дар ин ҳол асарҳои онҳоро кӣ офаридааст, ба ҷаҳон фикрҳоеро додааст, ки дар сарҳои онҳо пайдо шуда буданд? Нютонро ба ҷаҳон танҳо Нютон дода метавонист. Исоро дар ҷаҳон чӣ бофта баровварда метавонист? Ҳеҷ кас, ғайр аз Худи Исо".*

Агар шахсияти Исо тимсоли адабӣ бошад, он бо мӯъҷиза ҳамҳудуд аст. Мо бо тимсолҳои бадеии адабӣ хуб шинос ҳастем, бо он, ки офаридани тимсоли ҳақиқатан боварибахш чӣ гуна душвор аст. Дар адабиёти ҷаҳонӣ бисёр чунин тимсолҳои бомуваффақият ва бемуваффақият офарида шудаанд. Лаҳзае тасаввур мекунем, ки агар тимсоли Исо адабӣ-бадеӣ бошад, пас он шӯҳратманд аст. Барои офаридани чунин тимсол муаллифони Инҷилҳо бояд нобиғаҳои адабӣ мебуданд. Ҳозир чунин нобиғаҳо хеле каманд. Аммо дар ин ҷо онҳо чор нафаранд – дар шукӯҳу ҳашамати пурра. Онҳо киҳо буданд? Онҳо чикора буданд? Ду нафар моҳигир буданд, яке андозғундор, охиринаш – ҷавони оддие ки аз ягон ҷиҳат барҷаста набуд. Оё метавон тасаввур кард, ки ҳар чор нафар нобиғаҳои адабии дорои аҳамияти ҷаҳонӣ буданд? ... Агар шумо гумон кунед, ки Исои Масеҳ шахсияти бофта баровардашуда аст, бояд фаҳмонед, ки муаллифони инҷилҳо чӣ гуна Ӯро бофта баровварда тавонистанд ва ин барои чӣ даркор буд".* Ва Руссо,

---

* Иқтибос аз рӯи Pollock, A. J., *Why I Believe the Bible* (London: Central Bible Truth Depot), p. 73.
* Гудинг. "*Христианство: опиум или истина*?", с. 8-11.

атеисти гузаро, бо ин фикр розӣ шуда буд: “Агар ягон касе набошад, ки ба онҳо мавзӯи умумиро диҳад, аз эҳтимол дур аст, ки якчанд кас маслиҳат карда, чунин қиссаро нависанд. Муаллифони яҳудӣ ба чунин услуб қодир набуданд; он ахлоқе ки дар матнҳои Инҷил ҳаст, ба онҳо бегона буд; ва ҳақиқатҳои ин нақлҳо чунон ҳайратовар ва тақлиднопазиранд, ки офарандаи онҳо, аз афташ, аз қаҳрамони онҳо ҳайратовартар аст”.*

## Шахсияти комил

Лаҳзае дар бораи ҳаёти Худованд Исои Масеҳ, чуноне ки оиди он дар Паймони Навин навишта шудааст, андеша кунед. Дар Ӯ ҳама чиз мутлақо комил аст. Дар хислати Ӯ ягон камбудӣ нест. Ӯ ҳеҷ гоҳ гуноҳ накарда буд (1Пет. 2:22). Ӯ табиати гуноҳолуд надошт, чунки дар Ӯ гуноҳ набуд (1Юҳ. 3:5). Ӯ аз гуноҳ бехабар буд (2Қӯр. 5:21). Ӯ метавонист он чиро пурсад, ки ҳатто росткортарини шогирдонаш ҷуръати пурсидан намекарданд: “Кист аз шумо, ки Маро ба гуноҳе таъна зада тавонад?” (Юҳ. 8:46).

Оё баъд аз ин ҳайрон шудан меарзад, ки Ӯ ҳеҷ гоҳ “ба фикрам” ё “Ман чунин фикр мекунам” нагуфта буд. Чунин иборахо далели надонистан буда, ба Касе ки табиати илоҳӣ дорад, хос нест. Зиёда аз ин, Ӯ ҳеҷ гоҳ бахшиш намепурсид, “Маро бубахшед” намегуфт. Чуноне ки Беллет гуфтааст, “Ӯ аз қавли Худ намегашт ва ақибнишинӣ намекард!”* Дар айни замон Ӯ ҳамаи хусусиятҳои олиҳимматонаеро, ки ба мо маълуманд, дошт: муҳаббат, меҳрубонӣ, фурӯтанӣ, сабр, боинсофӣ, худдорӣ ва ғайра. Ин хусусиятҳо дар Ӯ на танҳо буданд, онҳо дар Ӯ ба таври комилан мутаносиб ва ҳамоҳанг буданд. Дар баъзе касон, масалан, аз меҳрубонӣ дида бештар инсоф ҳаст, ё аз фурӯтанӣ дида бештар сабр ҳаст. Аммо дар Наҷотдиҳанда ҳамаи ин сифатҳо ба таври ҳайратовар бо ҳам пайваста буданд. Ҳамаи хусусиятҳои хислат дар Ӯ ба таври олӣ муттаҳид буданд ва ба таври мутаносиб зоҳир мешуданд. Масалан, бо зани дар зино дастгиршуда гап зада, Ӯ файз ва ҳақиқати ҳайратоваре зоҳир намуд. Ӯ гуфт: “Ман низ туро маҳкум намекунам” – ин *файз* аст. Сипас Ӯ илова намуд: “Бирав ва дигар гуноҳ накун” – ин *ҳақиқат* аст (Юҳ. 1:17).

Баъзеи он некӯкориҳое ки дар хислати Масеҳ зоҳир шуда буданд, шоистаи диққати бештар мебошанд, зеро агарчи онҳо ҳеҷ

---

* Иқтибос аз рӯи Brookes, J. H., *God Spake All These Words* (St. Louis: J. T. Smith, 1895), p. 51.
* Bellet, J. G. *The moral Glory of the Lord Jesus Christ* (New York: Loizeaux Bros.), p. 23.

чизи ғайриоддӣ надоранд, ба идеалҳои он замон мувофиқ набуданд. Далерӣ, самимият, ҷидду ҷаҳди динии Ӯро беҳтарин одамони он замон ба таври шоиста қадр карда метавонистанд, аммо камаш се хусусияти хислати Ӯ ба тасаввуроти онҳо оиди инсони идеалӣ мухолиф буданд. Онҳо ҳисси ватанпарвариро фаҳмида метавонистанд, аммо муҳаббати фарогир нисбати ҳамаи одамон, новобаста ба аслу насаб ва миллат, ба онҳо фаҳмо набуд. Муҳаббат дар муносибатҳои оилавӣ дар байни намояндагони табақаи иҷтимоӣ ё авлоди муайян фаҳмо буд, аммо муҳаббатро нисбати касоне, ки аз нажод ва оилаи мо нестанд (ҳатто нисбати касоне ки душманони воқеӣ ё имконпазиранд), танҳо Масеҳ таълим медод... Боз як ҷиҳати хислати Ӯ, ки одамони он замон намефаҳмиданд, бахшоиш буд. Ин ҳиссиёт дар навиштаҷот дар муҷассамаи Сулла дар Рум хуб инъикос ёфтааст: "Ҳеҷ як дӯст ба ман он қадар некӣ накардааст, ва ҳеҷ як душман ба ман он қадар бадӣ накардааст, ки ман ба ӯ пурра бознагардонда бошам". Исо кушандагони Худро бахшид... Сеюм, Ӯ ба мо файзи фурӯтаниро таълим медод. Ӯ шахсонеро аз табақаҳои поёнии ҷамъият, ки онҳоро ҳеҷ кас намешинохт, дӯстони Худ интихоб намуд, ва агарчи Ӯ Устод ва Худованди онҳо буд, ҳангоме аз роҳ хаста шуда омаданд, шустани пойҳои онҳоро, ва пас аз он ки тамоми шаб моҳӣ сайд карда, чизе ба даст наоварданд, ба онҳо хӯрок тайёр тайёр карданро барои Худ зиллатовар намеҳисобид".*

## Илоҳият дар Одамият

Ҳайратовар аст, ки дар як Шахсият Илоҳ ва Одам дар якҷоягӣ буданд. Ӯ қисман Худо ва қисман Одам набуд, балки Ӯ ба тамоми камолот пурра Худо ва пурра Одам буд. Мо оиди он мехонем, ки Ӯ дар назди қабри Лаъзор мегирист, ва баъди якчанд дақиқа ӯро аз мурдагон зинда кард (Юҳ. 11:35; 43;44). Касе ки ҳангоми тӯфон дар қаиқ хоб буд, вақте ки шогирдон Ӯро бедор карданд, бархост ва тӯфонро ором намуд (Маркус 4:38, 39).

Мӯъҷизаҳои Худованд Исо аксар вақт чун далели Илоҳияти ҷовидони Ӯ оварда мешаванд, ва ин дуруст аст (Юҳ. 20:30, 31). Аммо мунаққидон мегӯянд, ки одамоне буданд, ки ҳамчунин мӯъҷиза ба амал меоварданд, ва ҳамин тариқ Наҷотдиҳандаро то ба сатҳи одамони дигар паст фаровардани мешаванд. Аммо кӣ ва кай

* Short, A. Rendle, дар ҳамон ҷо, с. 31.

дар чунин муддати тӯлонӣ ба монанди Наҷотдиҳанда ин қадар мӯъҷизаҳоро ва ба ин монанд мӯъҷизаҳоро ба амал овардааст?

Боре, ҳангоме ки одамон назди Исо омаданд, то Ӯро подшоҳ кунанд, Ӯ аз онҳо дур шуд, ки он ба рафтори одами маъмулӣ хос нест (Юҳ. 6:15). Аввалан, Ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ бар одамоне ки ба талаботи даркории ахлоқӣ ҷавобгӯ нестанд, ҳукмронӣ кардан намехост. Сониян, Ӯ медонист, ки бояд Худро фидо кунад, то инсониятро бозхарид намояд ва танҳо пас аз он бар тахти ҷалол болобардор карда шавад, то бар онҳо ҳукмронӣ намояд.

## Камолоти ахлоқӣ

Аз он пурсабрӣ, ки Наҷоткор дар лаҳзаҳои иғвоандозӣ ва душвориҳо зоҳир намуд, ҳайрон нашудан имкон надорад (Мат. 26:62, 63). Ӯ аз инсонҳои дигар бо он фарқ дошт, ки дар ҳаққи Худ тамоман ғамхорӣ намекард (Луқ. 23:33,34). Ҳамчунин аҳамият диҳед, ки Ӯ фарисиёнро бо чӣ гуна ҷасорат фош мекард, агарчи медонист, ки бо ин кор нафрати онҳоро афзунтар мекунад, ва онҳо кӯшиш мекунанд Ӯро кушанд (Мат. 23:13, 34).

Ҳангоме душманонаш аз ӯ пурсиданд: “Ту кистӣ?”, Ӯ ҷавоб дод: “Ҳамонам, ки аз аввал ҳам ба шумо гуфтам” (Юҳ. 8:25). Наҷотдиҳанда мегуфт: “Ман айнан ҳамонам, ки мавъиза мекунам”. Дигар хел карда гӯем, Худованди мо бо ҳаёти худ чун *намунаи* он чи *мавъиза менамуд*, хизмат кардааст, ва аз ин ҷиҳат Ӯ нотакрор аст.

*Фонӣ наметавонад ба Ӯ баробар шавад,*
*Ҳеҷ кас, дар ҳеҷ ҷой ва ҳеҷ гоҳ.*
*Ӯ аз ҳамаи онҳое ки зистаанд ва зиндаанд, наҷибтар аст.*
*Аз ҳамаи онҳое ки дарҳои осмонҳо барояшон кушода аст.*

Беллет мегӯяд, ки танҳо аз боиси камолоти ахлоқии Худ Ӯ 5000 касро сер карда, ба шогирдонаш фармуд, ки боқимондаҳоро ҷамъ кунанд, то ҳеҷ чиз ҳайф нашавад (Юҳ. 6:12).* Оё муаллифи оддии заминӣ чунин чизеро бофта бароварда метавонист?

Худованд Исо ҳамеша некӣ мекард ва ҳеҷ гоҳ дар ҷавоб интизори некӣ набуд. Ҳангоме одамон бо нафрат ҷавоб медоданд, Ӯ ба ҳар ҳол дар ивазаш некӣ мекард (Луқ. 23:34). Ҳайратовар аст, ки Исои муборак дар кӯчаҳои Уршалим қадам мезад ва фикрҳои одамонеро, ки аз наздаш мегузаштанд, медонист; ва агарчи ҳама

* Дар ҳамон ҷо, с. 28.

чизро пурра медонист, ҳеҷ гоҳ бе зарурат одамонро бо ҳамадонии Худ ҳайрон намекард (Юҳ. 2:25).

Боз як ҷиҳати хуби хислати Ӯ он буд, ки Ӯ бо гузашти солҳо дигаргун намешуд. Бар хилофи мо, Ӯ зери таъсири табъ тағйир намеёфт. Ӯ ҳамеша дӯстдор, саховатманд, фурӯтан ва росткор мемонд – "Исои Масеҳ дирӯз ва имрӯз ва то абад айни ҳамон аст" (Ибр. 13:8).

Ҳангоме Павлус ба Тимотиюс менавишт: "Бе чуну чаро бузург аст сирри диндорӣ (парҳезгорӣ)" (1Тим. 3:16), ӯ на танҳо чизеро мегуфт, ки ба ҳар шахси оқил фаҳмост. Ҳаёти Худованд Исо мӯъҷизаи бузургтарини ҳамаи асрҳост! Агар ба ягон кас далели ҳаққонияти Китоби Муқаддас даркор бошад, тасвири ҳаёти Масеҳ барои ин пурра кофӣ хоҳад буд.

## Ботамкинии матни муқаддас

Аммо ин ҳанӯз ҳамааш нест. Ҷолиби диққат аст, ки нависандагони чор инҷил қиссаи ин ҳаёти аҷоибро бе истифодаи ифодаҳои пурваҷд ва бе таърифу таҳсин баён намудаанд. Дар ин робита доктор А.Т. Скоуфилд навишта буд: "...Мо метавонем аз аъмоли Худованд ба ваҷд омаданамонро озодона баён кунем. Ифода намудани таърифу таҳсине ки дар дилҳои мо пас аз омӯхтани Инҷил пайдо мешавад, барои мо табиӣ ва ҳатто судманд аст. Аммо бояд гуфт – ва барои ман ин яке аз гувоҳиҳои пурқувваттарини илҳоми илоҳист, – ки *ҳеҷ яке аз нависандагони инҷилҳо чунин накардааст*. Ҳақиқатан қалами онҳоро Рӯҳулқудс танҳо барои он ба ҳаракат меовард, ки оиди ҳаёти аҷоиби Масеҳ нависанд, ва дар ҳеҷ ҷой парастиш, ваҷд ва ҳатто шукргузории худро баён накунанд. Мӯъҷизаи Каломи Худо аз ҳамин иборат аст.

Метавон гуфт, ки ҳеҷ як муаллиф аз чунин шахсияте ки тасвир менамояд, ҳайрон нашуда ва ба ваҷд наомада, қиссаи чунин зиндагиро навишта наметавонист. Бори дигар такрор мекунам: он чи барои онҳо мумкин набуд, барои мо мумкин аст, ва ҳангоме дар маркази диққати мо Масеҳ аст, ҳеҷ гуна маҳдудият даркор нест".*

Дар як мақолаи хурд бо номи "Ҳаёти шахси нотакрор", ки муаллифаш номаълум аст, мӯъҷизаи ҳаёти Наҷотдиҳанда нишон дода шудааст:

* Schofield, A.T., *Soul Food* (London: Pickering & Inglis, Ltd.), Боби "The Same Image".

“Ҷавоне буд, ки дар деҳаи дурдаст дар оилаи деҳқонзане зода шуда буд. Ӯ дар деҳаи дигар ба воя расид. То сисолагӣ ӯ дар устохонаи дуредгар кор мекард, ва баъд аз он се сол воиз буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ китоб наменавишт. Ӯ ҳеҷ гоҳ ҷои кори худро надошт. Хонаи худро надошт. Оилаи худро надошт. Ӯ ҳеҷ гоҳ дар ягон ҷой таҳсил накарда буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ дар ягон шаҳри калон набуд. Ӯ ҳеҷ гоҳ аз зодгоҳаш ба масофаи зиёда аз сесад километр сафар накарда буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ кореро накардааст, ки одатан ба шахси бузург хос аст. Ӯ дар зиндагӣ ғайр аз худ касе надошт, ки ба вай такя карда тавонад.

Ҳангоме ки ӯ ҳанӯз ҷавон буд, аксари одамон ба ӯ мухолифат доштанд. Дӯстонаш ӯро тарк намуданд. Ӯро ба душманонаш таслим намуданд. Ӯро ҳамроҳи ду ғоратгар ба салиб мехкӯб намуданд. Ҳангоме ки ӯ мемурд, кушандагонаш қуръа партофта, ягона моликиятеро, ки ӯ дошт, – либосашро тақсим намуданд. Ҳангоме ки ӯ мурд, ҷасадашро дар қабри бегона гузоштанд. Аз он вақт нуздаҳ аср гузашт, ва имрӯз ӯ шахсияти асосии тамоми инсоният аст.

Бо боварӣ гуфта метавонам, ки ҳамаи лашкарҳое ки замоне дар рӯи замин қадам задаанд, ҳамаи киштиҳое ки замоне дар баҳрҳо шино кардаанд, ҳамаи парламентҳое ки замоне ҷаласа оростаанд, ва ҳамаи шоҳоне ки замоне ҳукмронӣ кардаанд, – ҳама дар якҷоягӣ, ба ҳаёти инсон чун ин шахси ягона таъсир накардаанд”.

Наполеон нидо карда буд: “Ман одамонро медонам ва гуфта метавонам, ки Исои Масеҳ на танҳо инсон аст. Сабукфикрон Ӯро бо асосгузорони империяҳо ва худоёни динҳои дигар монанд мекунанд. Ин ҷо ҳеҷ монандие буда наметавонад... Ҳама чиз дар Ӯ маро ҳайрон менамояд, иродааш бошад сахт дар шигифт мемононад. Байни Ӯ ва ҳама гуна шахс дар рӯи замин ҳеҷ гуна монандӣ буда наметавонад. Бузургии Ӯ ба шарофати Худи Ӯст”.*

“Шахсияти Исо дилҳоро, новобаста ба нажод ва ҷинс, тасхир менамояд. На исботи китобҳои динӣ, на ҳикмат ё зебоиҳои адабии ин китобҳо – тамоман на ин сифатҳо дилро ламс мекунанд ва барои паси сар кардани ғаразнокӣ ё бепарвоии мард, зан ё кӯдак ёрӣ мерасонанд. Шахсият ва Ҳаёти Ӯ (гузашта, ҳозира ва оянда) дар тамоми таърих дорои ҳамон як хислат аст – Худованд Исои Масеҳ, Исои Байт-Лаҳм, Носира, Кафарнаҳум, Ноин, Сур ва Сидӯн, Байт-Ҳинӣ, Ҷатсамонӣ, Ҷолҷолто, Аммоус, пагоҳии барвақти кӯли

* Brookes, J., дар ҳамон ҷо, саҳ. 51.

Ҷалил, Кӯҳи Муқаддас, ба осмон бурда шудан; Ин Шахсият ҳатто бузургтар аз таълимоти муқаддаси Ӯст, ва ормону умеди ҳар як дили шикаста аст; маҳз ба ҳамин Шахсият, агарчи Ӯ ба чашми мо аён нест, ҳатто бенавотарин, пасттарин, гуноҳкортарини мо муроҷиат карда метавонад, то ки як чизро ҳис кунад – муҳаббатро”.*

*Ҳангоме ки тайёр мешавед, ба саволҳои дарси 9 дар дафтари имтиҳонӣ ҷавоб диҳед.*
*Илтимос, то даме ки ба саволҳои ҳамаи дарсҳо ҷавоб надиҳед, ин маводро барои тафтиш нафиристед.*

ДАРСИ 10

# Насабномаи Исо

## Насаби Масеҳ

* Schofield, A.T., *Christian Sanity* (New York: A.C. Armstrong & Son, 1908), pp, 132,133.

Боз як гувоҳии ҳайратовари илҳоми илоҳии Китоби Муқаддас бо насабномаи Худованд Исо вобаста аст. Дар давраи Паймони Куҳан пешгӯиҳое буданд, ки ба насаби Масеҳи меомада ва ба шартҳои иҷрошавии онҳо дахл доштанд. Масалан: 1) Ӯ бояд аз насли Иброҳим бошад (Ҳас. 22:17, муқоиса кунед бо Ғал. 3:16); 2) Ӯ бояд аз сибти Яҳудо бошад (Ҳас. 49:10); 3) Ӯ бояд аз хонадони Довуд бошад (2Подш. 7:13); 4) Ӯ бояд ба тахти Довуд ҳуқуқи қонунӣ дошта бошад (Иш. 9:7); Ӯ бояд Худо бошад (Иш. 9:6).

Дар замонҳои Паймони Куҳан одамон борҳо кӯшиш кардаанд ба насаби Масеҳ дахолат намоянд. Аз ақиби ҳамаи ин шайтон меистод. Масалан, фармони фиръавн оиди қатли ҳамаи навзодони мардинаи исроилиён (Хур. 1:22); кӯшиши Аталё барои нобуд кардани тамоми насли подшоҳ (4Подшоҳон 11:1). Гоҳо чунин метофт, ки ваъда оиди Наҷотдиҳандаи илоҳӣ, ки ба ҳамаи талаботи пайғамбарон ҷавобгӯ бошад, иҷро намешавад. Аммо дар асл чунин шуд: Худо на танҳо бар бадии инсон дастболо шуд, балки худи ин бадиро барои иҷрои мақсадҳои Худ истифода бурд. Ва яке аз драмаҳои мафтункунандаи нақли Китоби Муқаддас маҳз дар тариқи иҷроиши ин мақсад аст!

## Паймон бо Довуд

Дар ин дарс мо кӯшиш мекунем мавзӯеро ба шумо баён намоем, ки онро “мӯъҷизаи насаб” номидан мумкин аст. Онро ҳамчунин “лаънати Еконёро пешгирӣ кардан чӣ гуна имконпазир шуд” номидан мумкин аст. Дар аввал мо бояд ба замонҳое баргардем, ки Довуд подшоҳи Исроил буд. Он гоҳ Худо ба ӯ ду ваъдаи бешарт дод (Заб. 88:5): 1) тахти Довуд ҷовидона вуҷуд хоҳад дошт (2Подш. 7:13) ва 2) насли ӯ (авлодони бевоситаи ӯ) дар ин тахт хоҳанд буд (2Подш. 7:12). Дигар хел карда гӯем, ба Довуд гуфта шуд, ки авлодони бевоситаи ӯ дар тахт хоҳанд буд. Ин ваъдаҳо, албатта, ба Масеҳи оянда дахл доштанд.

## Авлодони Довуд

Довуд якчанд писар дошт, аммо танҳо яке аз онҳо, Сулаймон, ҳуқуқ дошт ворисии тахт шавад (3Подш. 1:30). Танҳо фарзандони насли подшоҳ чунин ҳуқуқро дошта метавонистанд. Дигар хел карда гӯем, шахс метавонист аз авлоди Довуд бошад, аммо ба тахт ҳақ надошта бошад.

Номгӯи авлодони Довуд, ки ба онҳо ҳуқуқи мерос гирифтани тахти Исроил дода шуда буд, дар боби 1-уми Инҷили Матто дода шудааст, ва ин номгӯй моро то Юсуф, номзади Марям, мерасонад. Инак он номгӯй:

1. Сулаймон
2. Раҳабъом
3. Абиё
4. Осо
5. Еҳӯшофот
6. Еҳӯром
7. Узиё
8. Ютом
9. Оҳоз
10. Ҳизқиё
11. Менашше
12. Омӯн
13. Йӯшиё
14. Еҳуёқим
15. Еконё
16. Шаалтиил
17. Зарубобил
18. Абиҳуд
19. Элёқим
20. Озур
21. Содӯқ
22. Ёкин
23. Элиҳуд
24. Элъозор
25. Маттон
26. Яъқуб
27. Юсуф

## Лаънат

Дар ин номгӯй Еконё 15-ум аст. Агар шумо Ирмиё 22:30-ро кушоед, мефаҳмед, ки Худо ба ин подшоҳ барои гуноҳҳояш чунин лаънатро ба забон овард: "*Ин шахсро безоту зуриёт, марди дар умраш комёбнашудае бинависед, зеро ки касе аз наслаш комёб шуда, бар тахти Довуд нахоҳад нишаст, ва дар Яҳудо дигар салтанат нахоҳад ронд*". Ин лаънат на ҳатман маънои онро дошт, ки Еконё фарзанд нахоҳад дошт, – ин маънои онро дошт, ки *касе аз насли ӯ бар тахти Довуд нахоҳад нишаст*. Ҳамин тариқ, касоне ки ба тахти Довуд ҳуқуқи қонунӣ доштанд, аз ин имконият маҳрум гардиданд.

Агар ба насабномаи дар боби якуми Инҷили Матто баёншуда баргардем, мебинем, ки Юсуф, шавҳари Марям, бевосита аз насли Еконё аст. Ин маънои онро дорад, ки агарчи Юсуф ба тахти Довуд ҳуқуқи қонунӣ дошт, чунки аз насли Сулаймон буд, ҳеҷ гоҳ наметавонист бар ин тахт нишинад, зеро зери таъсири лаънати Худо бар Еконё буд (касе аз насли ӯ бар тахти Довуд нахоҳад нишаст). Аммо дар ин ҷо мо боз як ҳолати хеле муҳимро мебинем. Ин маънои онро дорад, ки агар Исо писари ҳақиқии Юсуф мебуд,

ҳамчунин зери лаънати Еконё мебуд ва ба тахти Довуд даъво карда наметавонист.

Дар ин ҷо мушкилие ба миён меояд. Бояд се шарт иҷро шаванд, ки дар назари аввал иҷронашаванда мебошанд. 1) мо дидем, ки Исо бояд *бевосита аз насли* Довуд бошад (то ваъдае ки Худо ба Довуд дода буд, иҷро шавад, – оиди он ки насли ӯ дар тахт хоҳад буд). 2) Ӯ бояд писари *қонунии* яке аз авлодони Еконё бошад, то ки ҳуқуқро ба тахти Довуд мерос гирад. 3) Ва дар айни ҳол Ӯ наметавонад писари *ҳақиқии* авлодони Еконё бошад, бе он ки зери лаънати Худо бар Еконё қарор гирад.

## Ҳалли ин масъала

Оё ин масъаларо ҳал кардан имкон дорад? Ҳа, ва Худо онро ба воситаи мӯъҷизаи зодашавӣ аз бокира ҳал намуд. Бори дигар диққат диҳед! Насабномае ки дар боби 1-уми Инҷили Матто оварда шудааст, шаҷараи подшоҳиро аз Довуд то Юсуф баён мекунад. Исо писари *ҳақиқии* Юсуф набуд; ҳангоми зода шудани Исо Юсуф ҳанӯз бо занаш Марям ҳамбистар нашуда буд (Мат. 1:25). Аммо Юсуф Исоро чун писари худ қабул намуд, ва ҳамин тариқ, Худованд ба тахти Довуд ҳуқуқи қонунӣ пайдо кард. Исо писари *қонунии* Юсуф гардид, агарчи писари *ҳақиқии* ӯ набуд. Аммо дар айни ҳол боз як шарт иҷронашуда мемонад. Пешгӯӣ шуда буд, ки Масеҳ бевосита аз насли Довуд хоҳад буд. Оё Ӯ чунин буд? Ҷавобро дар Луқо 3:23-38 мебинем, ки он ҷо шаҷараи Марям оварда шудааст. Дар он ҷо мо мебинем, ки Марям бевосита аз насли Довуд буд, аммо на ба воситаи Сулаймон, балки ба воситаи писари дигари Довуд, Нотон (о. 31). Ҳамин тариқ, лаънати Худо бар Еконё ба Марям ва писараш таъсире надошт.

Ҳамин тариқ, мо гуфта метавонем, ки Исо Писари ҳақиқии Марям буд, бинобар ин бевосита аз насли Довуд буд. Ваъдаи Худо ба Довуд дар Ӯ иҷро шуд (оиди он, ки ӯ ҳамеша писари бар тахт нишаста хоҳад дошт). Исо ба воситаи фарзандхонд шудан писари *қонунии* Юсуф буд, ва ҳамин тариқ ба тахти Довуд ҳуқуқӣ қонунӣ пайдо намуд. Аммо Ӯ писари ҳақиқии Юсуф набуд, бинобар ин лаънати Худо бар Еконё таъсире ба Ӯ надошт.

Акнун саволе ба миён меояд: “Чунин пайвасти ҳайратовари шароитҳоро кӣ ба вуҷуд овард? Магар ин нақшаи мураккаб, ки дар давоми асрҳо амалӣ мегашт, аз мавҷудияти Муаллифе дарак намедиҳад, ки тамоми асрҳо дар ихтиёри Ӯ мебошанд? Аён аст, ки

ин амали Худост. Ҳеҷ як ақли одамӣ насаби Масеҳро чунин ба нақша дароварда наметавонист, ки ҳамаи ваъдаҳо иҷро шаванд ва дар айни замон Масеҳ ба воситаи зодашавии мӯъҷизаосо аз бокира зери лаънат қарор нагирад.

*Ҳангоме ки тайёр мешавед, ба саволҳои дарси 10 дар дафтари имтиҳонӣ ҷавоб диҳед.*
*Илтимос, то даме ки ба саволҳои ҳамаи дарсҳо ҷавоб надиҳед, ин маводро барои тафтиш нафиристед.*

ДАРСИ 11

# Нақшаи инҷилии наҷот

## Наҷоти илоҳӣ инсонро таҳқир мекунад

Ҳангоми омӯзиши таълимоти Китоби Муқаддас набояд фаромӯш кард, ки яке аз гувоҳиҳои бузургтарини илҳоми илоҳии

Навишта нақшаи ҳайратоварест, ки дар саҳифаҳои он ошкор мегардад. Аён аст, ки Инҷилро инсон нанавиштааст, зеро мундариҷаи он ба шавқу завқи ӯ мувофиқат надорад. Рости гап, дар нақшаи илоҳии наҷот чизе нест, ки барои инсон ҷолиб бошад. Боз ҳам боиси ҳайрат аст, ки аз он замоне ки даъвати аввалин садо дод, инсон бо ҷидду ҷаҳд ба Подшоҳии Худо дохил мешавад (Луқ. 16:16).

Китоби Муқаддас пешгӯӣ карда буд, ки таълимоташ ба одамон аз сабаби худи табиати онҳо писанд намеояд, зеро он барои тасвири ин чунин суханонро истифода мебарад: "васвасаи салиб" (Ғал. 5:11); "ҷаҳолати мавъиза" (1Қӯр. 1:18, 21) ва ғайра. Бояд зикр кард, ки салиб тасаввуроти анъанавиро оиди ахлоқ дарҳам мешиканад, зеро аъмол инсонро сафед намекунанд; оиди фалсафа, зеро он на ба ақл, балки ба имон муроҷиат мекунад; оиди маданият, зеро ҳақиқати он ба кӯдакон ошкор мегардад, оиди табақаҳои иҷтимоӣ, зеро Худо бенавоёнро интихоб мекунад; оиди ирода, зеро он ба итоати бечуну чаро даъват менамояд.

## Зарбаҳо ба ғурури инсон

Аввалин чизе ки ҳар як муждарасони Инҷил бояд ба кас гӯяд, аз он иборат аст, ки ӯ гумроҳшуда ва гуноҳкори айбдор аст (Рум. 3:18). Ин, албатта, ба тасаввуроти инсон оиди ахлоқи олии худ зарбаи сахт мерасонад. Ӯ аз он фахр мекунад, ки аз бисёрии атрофиён беҳтар аст, ва барои ӯ душвор аст розӣ шавад, ки барои ба осмонҳо рафтан ба қадри кофӣ хуб нест. Шунидани ҳақиқат – ки ӯ дар чашмони Худо комилан фосидшуда аст – барои ӯ аз ҳад зиёд аст, бинобар ин, агар Рӯҳулқудс дар ӯ амал намекарда бошад, ӯ гӯши худро ба таълимоти масеҳӣ маҳкам мекунад.

Қадами навбатӣ аз он иборат аст, ки ба шахс оиди эҳтиёҷи ӯ ба наҷот ёфтан эълон карда шавад (Луқ. 13:3,5). Ин аллакай барои ғурури ӯ зарбаи сахтест. Ӯ ҳамеша мустақилияти худро гаронбаҳо меҳисобид. Шояд ӯ соҳибкори бомуваффақият, ё корманди динӣ, ё ҳатто ходими фаъоли калисо аст. Ва фикр оиди он, ки агар ӯ дар гуноҳҳои худ бимирад, ба ҳалокати ҷовидон меравад, ба ҳамаи он чи ӯ бовар мекунад ё мехоҳад бовар кунад, мухолиф аст (Юҳ. 5:40).

Аммо ин ҳанӯз ҳамааш нест! Ба ҳар касе ки масеҳӣ шудан мехоҳад, бояд гуфта шавад, ки ӯ худро наҷот дода наметавонад (Ирм. 10:23). Ин доруи хеле талх аст, ва фурӯ бурдани он осон

нест! Ӯ боварӣ дорад, ки бисёр корҳоро анҷом дода метавонад! Оё ӯ бояд ба он бовар кунад, ки тамоми росткории ӯ “мисли либоси чиркин аст”? (Иш. 61:6)

## Ягона Наҷотдиҳанда

Ва боз ӯ мешунавад, ки танҳо як Касе ҳаст, ки наҷот дода метавонад, – Худованд Исои Масеҳ (Юҳ. 14:6). Ин ба тасаввуроти ӯ оиди таҳаммули динӣ ва либерализми фалсафӣ зарба мезанад. Агар масеҳият ягона имони ҳақиқӣ бошад, ӯ онро қабул намекунад. Ӯ ба “фикрронии васеъ” одат кардааст ва чунин меҳисобад, ки дар ҳамаи динҳо як чизи хубе ҳаст, ва дар ниҳояти кор, ҳамаи онҳо сӯи Худо мебаранд.

Пас аз ин ӯ таълимоти бузурги Исоро низ қабул намекунад. Ӯ фикр мекунад, ки зодашавӣ аз бокира бемаъност (Мат. 1:18). Дар як шахсият Худо ва Одамро таҷассум намудани Исои Масеҳро (1Тим. 3:16) фаҳмидани ӯ душвор хоҳад буд. Таълимот оиди он, ки Исои Масеҳ чун қурбонии бозхаридкунанда барои гуноҳҳои ӯ барин гуноҳкорон мурд, ба ӯ беадолатона метобад, ва ӯ метавонад ба он ҳақиқат, ки бозхариди гуноҳкорон танҳо ба воситаи хуни дар салиб рехтаи Масеҳ ба даст меояд, эътироз намояд (Ғал. 2:20; 1Пет. 1:18,19). Ба маънои ҳақиқӣ ҷисман зинда шудани Масеҳро (1Қӯр. 15:20) низ фаҳмидани ӯ душвор хоҳад буд, зеро ин аз таҷрибаи зиндагии ӯ берун аст.

## Ягона роҳ

Сипас ба ӯ бояд гуфт, ки гуноҳкор танҳо бо имон ба Масеҳ наҷот меёбад (Юҳ. 6:47). Барои ӯ ин қобили қабул нест, чунки такягоҳро аз зери пояш зада мебарорад. Ӯ тамоми умр ба “хислати хуб”-и худ, корҳои нек, ба калисо рафтан, ба эътибор дар ҷамъият такя мекард. Акнун бошад ӯ бояд аз ҳамаи ин даст кашад ва чун гуноҳкори тавбакунанда назди Масеҳ ояд. Ба ӯ иҷозат дода намешавад корҳоеро ба ҷо оварад, ки аз боиси онҳо худситоӣ карда тавонад. Ӯ фақат метавонад ба Исо имон дошта бошад ва ин шоистаи таърифу таҳсин нест, балки ягона амали солимфикрона, оқилона ва мантиқии ҳар як офарида нисбати Офаридгори худ аст.

## Боз як далел барои фурӯтанӣ

Аммо ин ҳанӯз ҳамаааш нест – сипас Навишта ба ӯ мегӯяд, ки “бисёре ба ҳасби ҷисм ҳаким нестед, бисёре тавоно нестед, бисёре наҷиб нестед; лекин Худо ҷоҳилони ҷаҳонро баргузид, то ки ҳакимонро шарманда кунад, ва нотавонони ҷаҳонро баргузид, то тавонгаронро шарманда кунад; ва Худо бекасони ҷаҳон ва ҳақиронро, ва он чиро, ки номавҷуд аст, баргузид, то ки мавҷудро ботил кунад, – барои он ки ҳеҷ ҷисме дар пеши Худо фахр накунад” (1Қӯр. 1:26-29). Ҳамин тариқ, одам бо имоне шинос мешавад, ки дар он мавқеи ҷамъиятӣ аҳамияте надорад, ва дар он на шахсони баландмартаба, балки ғуломон, моҳигирон, мардуми оддӣ бародарон ва хоҳарон мешаванд.

## Шартҳои шогирдӣ

Ғайр аз ин, набояд фаромӯш кард, ки Худованд Исо барои ҳамаи онҳое ки Ӯро пайравӣ мекунанд, шартҳои ҷиддӣ гузоштааст, – ва аз эҳтимол дур аст, ки миқдори зиёди одамон онҳоро иҷро кунанд. Ӯ аз одамон нисбати Худ муҳаббатеро талаб мекард, ки аз ҳама муносибатҳои ҳаётӣ афзунтар бошад (Луқ. 14:26). Ӯ талаб мекард, ки имондор тамоми доройи худро тарк намуда, Ӯро содиқона пайравӣ намояд (Луқо 14:33). Ӯ имондорро даъват менамуд, ки худро ва “ҳуқуқҳо”-ро рад намояд (Луқо 9:23), ва низ ҷони худро дареғ надошта, Ӯро пайравӣ намояд (Луқ. 9:24). Илова ба ҳамаи ин, Ӯ мегуфт, ки  ҳар як имондори ҳақиқиро ғаму андӯҳи зиёде интизор аст (Юҳ. 16:33); ва ҳамаи касоне ки парҳезгорона умр ба сар мебаранд, гирифтори таъқибот хоҳанд шуд (2Тим. 3:12); ва “озмоишҳои оташ” кам нахоҳанд буд (1Пет. 4:12).

## Омилҳои маҳдудкунандаи иловагӣ

Аммо бо вуҷуди ҳамаи ин шартҳое ки одамонро ҷалб намекунанд, тахмин кардан мумкин мебуд, ки кадом як воизи хушсухан мардумро зери парчами масеҳият ҷамъ мекунад. Аммо Худо ҳама корро чунон кард, ки на танҳо *таълимот*, балки худи *усули* таълими Ӯ номашҳур шуд.

Аввалан, воиз худ аз худ қудрате надорад, то одамонро имондор гардонад, чунки наҷот “на аз хоҳиши марде” мебошад (Юҳ. 1:13). Сониян, ӯ ҳақ надорад барои ба даст овардани натиҷаҳо ба лаёқатҳои хушсуханӣ ва хушбаёнӣ такя кунад, вагарна шунавандагон водоркунандаҳои нодуруст хоҳанд дошт.

Ҳеҷ чиз набояд маънои ҳақиқии салибро таҳриф (вайрон) кунад (1Қӯр. 1:17; 2:1,4). Сеюм, натиҷаҳои мавъизаи ӯ ба дараҷаи муқаддасиаш дар зиндагӣ (Юҳ. 5:14), дастгирии дуоии масеҳиёни дигар (2Қӯр. 1:11) ва муносибати шунавандагон ба сухани мавъиза (Аъм. 17:32) вобаста мешаванд. Ва дар ниҳояти кор, натиҷаҳои меҳнати ӯ ба амали соҳибихтиёронаи Рӯҳи Поки Худо вобастаанд (Юҳ. 3:8).

Агар рӯ овардан ба масеҳият танҳо розигӣ бо таълимоти имон ва узвият дар яке аз деноминатсияҳо мебуд, воиз метавонист боварӣ дошта бошад, ки ҳар рӯзи навбатӣ имондорони "нав"-ро меоварад. Аммо дар асл масеҳӣ фақат метавонад Хушхабарро дар қуввати Рӯҳи Пок дуруст таълим диҳад, бо дуо Каломи мавъизакардаашро пайравӣ намояд, сипас бовар кунад, ки Худо дар вақти Худ ва роҳи Худ меҳнат хоҳад кард.

## Тантанаи Хушхабар

Бори дигар такрор мекунем, ки таълимот ва усули Инҷил аз боиси хусусиятҳои худ таваҷҷӯҳи ҳамаи одамони рӯи заминро ҷалб карда наметавонад. Зиёда аз ин, агар кас барномае таълиф менамуд, ки аз нуқтаи назари ақли солим ба нобарорӣ маҳкум шуда бошад, бемуваффақияттар аз таълимоти Хушхабар чизе фикр карда баромаданаш душвор мебуд. Аммо ба ҳар ҳол, бо вуҷуди камбудиҳо ва душвориҳо, Хушхабар яке аз пайи дигар пирӯзиҳо ба даст меоварад! Он дар нотавонӣ ба тамоми қитъаҳо мавъиза карда мешавад ва ба сафҳои худ шогирдони зиёдеро зам мекунад, ки тайёранд барои Шахсияте ки ҳеҷ гоҳ надидаанд, ҷони худро фидо кунанд. Одамоне ки ба нажодҳо, миллатҳо, маданиятҳои гуногун тааллуқ дошта, тарзи зиндагиашон аз ҳам фарқ мекунад, – ҳамаи гуноҳкорон, – пеши пойи Наҷотдиҳандаи муборак сар хам намуда, Ӯро чун Худованди ҳама чиз ҳамду сано мегӯянд!

Мо бо фурӯтанӣ чунин фикр мекунем, ки ҳеҷ як инсон ҳеҷ гоҳ Инҷилро бофта набаровардааст. Навишта худ дар бораи худ мегӯяд, ки Хушхабар аз Худост, ва ин таълимот ба шарофати хирад ва қуввати Худо имконпазир гардид.

*Ҳангоме ки тайёр мешавед, ба саволҳои дарси 11 дар дафтари имтиҳонӣ ҷавоб диҳед.*

*Илтимос, то даме ки ба саволҳои ҳамаи дарсҳо ҷавоб надиҳед, ин маводро барои тафтиш нафиристед.*

ДАРСИ 12

# **“Лекин каломи Ман гузарон нест”**

## Худи Китоби Муқаддас ҳаққонияти худро исбот мекунад

Барои ҳимояи Китоби Муқаддас метавон бисёр сухан гуфт, аммо аз ин зиёд гуфтан даркор нест; факт факт аст – худи Каломи Худо дар бораи худ беҳтар аз ҳама мегӯяд. Дар Навишта ҳамаи ҳуҷҷатҳои даркорӣ ҳастанд. Имон Каломро қабул мекунад, чунки он дар худ мӯҳри Муаллиф – Худоро дорад.

Одам ҳамеша чунин меҳисобид: барои бовар кардан дидан даркор аст. Ҳангоме ки Худованд Исо дар салиб буд, душманонаш мегуфтанд: "Масеҳ, Подшоҳи Исроил, бигзор акнун аз салиб фурӯд ояд, то бубинем ва имон оварем" (Марқ. 15:32). Аммо усули Худо барои офаридаҳояш тамоман баръакс аст. Худованд Исо ба Марто гуфт: "Оё ба ту нагуфтам, ки *агар имон оварӣ, ҷалоли Худоро хоҳӣ дид?*" (Юҳ. 11:40). Нависандаи Забур ин ҳақиқатро бо чунин суханон ифода намудааст: "Лекин эътиқод доштам, ки лутфи Худовандро дар замини зиндаҳо хоҳам дид" (Заб. 36:13). Дар Ишаъё 7:9 гуфта шудааст: "Агар имонатон устувор набошад, шумо устувор нахоҳед монд". Дар Ибриён 11:3 суханони пурмаъноеро мехонем: "*Бо имон дарк мекунем...*". Табиист, ки одам барои имон овардан мӯҳтоҷи мӯъҷиза аст. Аммо Исо ба эътимоднокии чунин имон бовар намекард.* "Ва ҳангоме ки дар иди фисҳ дар Уршалим буд, бисёр касон мӯъҷизотеро, ки Ӯ нишон медод, дида, ба исми Ӯ имон оварданд. Лекин Исо ба онҳо эътимод накард, зеро ки ҳамаро мешинохт, ва эҳтиёҷ надошт, ки касе дар бораи инсон шаҳодат диҳад, зеро ки он чи дар инсон аст, Худ медонист" (Юҳ. 2:23-25). Худованд Исо ба Тумо гуфт: "Ба хотири он ки Маро дидаӣ, имон овардӣ; хушо *касоне ки надида имон меоваранд*" (Юҳ. 20:29).

Худи ҳамон Худованд Исо аз Иброҳим иқтибос оварда, мегуфт, ки Навишта барои имон асоси кофӣ аст: "Модоме ки ба Мусо ва анбиё гӯш намедиҳанд, ҳатто агар касе аз мурдагон эҳё шавад ҳам, бовар намекунанд" (Луқ. 16:31). Китоби Муқаддас худ илҳоми илоҳӣ доштанашро исбот мекунад ва ба ҳамаи онҳое ки бовар кардан мехоҳанд, имонро меоварад, зеро "имон аз шунидани

* Мӯъҷизаҳо худ аз худ исботи ҳаққонияти масеҳият нестанд, чунки бисёр мӯъҷизаҳо натиҷаи кӯшишҳои шайтон буда метавонанд. Исо ба ҷиҳатҳои ахлоқии мӯъҷизаҳои Худ ишора мекард, ба он ҳақиқат, ки онҳо оиди Масеҳ гувоҳӣ медиҳанд, ва низ ба он ҳақиқат, ки Ӯ чунин меҳнатеро ба ҷо овард, ки пеш аз Ӯ ҳеҷ кас накарда буд.

ваъз аст ва шунидани ваъз ба воситаи каломи Худост” (Рум. 10:17).

## Китоби Муқаддас беҳтарин силоҳест барои ҳимояи худ

Пас ҳуҷумҳоро ба Китоби Муқаддас чӣ гуна рад намоем? Ҷавоб оддӣ аст: айнан ҳамон тавре ки Худованд Исо ҳуҷумҳоро зада мегардонд, – бо худи Калом. Ҳангоми васваса дар биёбон Ӯ се бор гуфт: “Навишта шудааст”, ва пас аз он навиштаи Паймони Куҳанро иқтибос меовард (Мат. 4:4,7,10). Ва он гоҳ иблис аз Ӯ дур шуд (о. 11). Ӯ ба мо намунаеро дод, ки мо бояд ба он пайравӣ намоем. Мо низ барои рад намудани ҳуҷумҳои шайтон бояд аз Навишта айнан иқтибос оварем. Ҳатто агар одамоне ки шумо ба онҳо муроҷиат мекунед, ҳақиқати Китоби Муқаддасро инкор кунанд ҳам, мо ба ҳар ҳол бояд нисбати ин одамон “шамшери рӯҳонӣ”-ро истифода барем. Нобоварии онҳо қувваи онро кам намекунад. Гоҳо мо ба васвасае меафтем, ки ин Шамшерро бо ягон чизи дигар – бо мантиқ, ақли инсонӣ, фалсафа ё илм иваз намоем. Ин силоҳ дар устувор намудани имондорон арзишнок буда метавонад, аммо масеҳӣ ҳангоми зидди шаккокон истифода бурдани он ба дом меафтад. Танҳо Калом метавонад душманонро ба хомӯш шудан маҷбур намояд. Касе гуфтааст: “Як ояти Навишта ба ҳазор далел баробар аст”.

Худи таърих гувоҳи он аст, ки Китоби Муқаддас худро ҳимоя карда метавонад. Яке аз намунаҳои маълумтарини таърихи замони ҳозира имон овардани лорд Литтлтон ва Ҷилберт Уэст аст.

“Дар замоне ки деизм дар муҳити илмии Инглистон гӯё мавқеи устуворро ишғол намуда буд, ду нафар ҳуқуқшиносони маъруфтарин, лорд Литтлтон ва Ҷилберт Уэст тарафдорони бузургтарини ратсионализм буданд. Ин ду адвокати барҷаста дар касби худ нотакрор буданд. Онҳо ба ҳеҷ чизи фавқуттабиӣ, ки дар Китоби Муқаддас баён шудааст, бовар намекарданд ва ҳар касеро, ки Китоби Муқаддасро Каломи Худо меномид, шикаст медоданд. Ва инак боре онҳо дар ҳуҷраи кории лорд Литтлтон вохӯрданд, то нақшаҳои худро муҳокима карда, зидди мӯъҷизаҳои дар Китоби Муқаддас зикршуда ҳуҷуми якҷоя ташкил намоянд.

Уэст гуфт, ки то даме ки онҳо эҳёи Исои Масеҳро фош нанамоянд ва афсона будани онро исбот накунанд, ҳеҷ гоҳ мавқеъҳои худро устувор карда наметавонанд. Лорд Литтлтон ошкор намуд, ки монеаи калонтарин дар роҳи тасдиқи таълимоти

онҳо бозгашт намудани (имон овардани) Шоули Тарсусӣ аст, ки оиди ӯ дар Аъмоли фиристагони муқаддас нақл карда шудааст, ва ӯ онро низ мехост афсона эълон карда, инро исбот намояд. Онҳо қарор доданд, ки ҳар яке китобе менависад – Уэст дар китоби худ исбот мекунад, ки Масеҳ аз мурдагон зинда нашудааст, Литтлтон бошад исбот мекунад, ки Шоули Тарсусӣ, бар хилофи он чи дар Аъмол навишта шудааст, бозгашт накарда буд.

Ҳар дуи онҳо зидди таълимоти Китоби Муқаддас оиди бо қудрати Масеҳ бозгашт намудани Шоул ҳуҷум сар карданд. Онҳо, ҳуқуқшиносони барҷаста, ҳангоми вохӯрӣ қарор доданд, ки пеш аз навиштани асарҳои худ бояд оиди ин ду қисса – эҳёи Масеҳ ва бозгашти мӯъҷизаосои Шоул – "ҳамаи маълумотҳоро бо ҷиддият омӯзанд". Пас онҳо бояд Китоби Муқаддасро бо диққат хонда бароянд (чуноне ки дертар онҳо иқрор шуданд, ин корро пеш ҳеҷ кадоми онҳо накарда буд).

Аммо пас аз муддате, ҳангоме онҳо боз бо ҳам вохӯрданд, Уэст ба Литтлтон иқрор шуд, ки омӯзиши Китоби Муқаддас мавқеи ӯро дар мавриди нобоварӣ ба зиндашавӣ "ноустувор гардондааст". Литтлтон бошад гуфт, ки бо ҳайрат дарёфт, ки "дар бозгашт намудани Шоул чизе ҳаст".

Баъди якчанд моҳ онҳо боз бо ҳам вохӯрданд, ва ҳангоме Литтлтон аз Уэст пурсид, ки оё китоби худро навиштааст, Уэст ҷавоб дод: "Ҳа, аммо он на он гуна мебошад, ки пештар ба нақша гирифта будам. Мо мурури он ки ман ҳамаи чизи ба эҳёи Масеҳ дахлдорро меомӯхтам, ва маводро мувофиқи ҳамаи қонунҳои ҳуқуқшиносӣ аз назар мегузарондам, боварӣ ҳосил намудам, ки Ӯ ҳақиқатан аз мурдагон зинда шудааст, чуноне ки Китоби Муқадас оиди ин мегӯяд, ва китоби Ман эътирофи имонам ба ин гардид".

Лорд Литтлтон гуфт: "Ман низ боварӣ ҳосил намудам, ки Шоули Тарсусӣ бозгашт намудааст, чуноне ки оиди ин дар Аъмол гуфта шудааст, ва масеҳияти Китоби Муқаддас қувваи воқеист". Ин ду китоб чоп карда шуданд, ва акнун онҳоро дар китобхонаҳо ёфтан мумкин аст".*

## Сабабҳои аксари душвориҳои вобаста бо Китоби Муқаддас

* *Word of Pease,* Vol. 36, No. 8 (Grand Rapids, Michigan: Gospel Folio Press). Китобҳое ки дар ин ҷо оиди онҳо сухан меравад, – Lord Littleton, *The Conversion of St. Paul* ва Gilbert West, *The Resurrection of Jesus Christ* (New York: American Tract Society, 1929).

Чаро одамон зидди Китоби Муқаддас чунин муборизаи беамон мебаранд? Ду сабаби асосӣ ҳаст. Аввалан, одамон майл ба он доранд, ки ақли инсониро болобардор кунанд ва фаросати худро ситоиш намоянд. Онҳо беақлона фикр мекунанд, ки ҳатто Худоро бо ёрии ақли инсонӣ тафтиш кардан мумкин аст. Бинобар ин меъёри асосӣ барои онҳо на "Калом чӣ мегӯяд?", балки "Оё ин оқилона аст?" мебошад. Агар ин оқилона набошад, пас ин ҳақиқат нест. Гуноҳ маҳз ҳамин тавр ба ҷаҳони мо дохил шуд. Иблис дар ақлу ҳуши Ҳавво нисбати ҳаққонияти Каломи Худо тухми шубҳа кошт, ҳангоме пурсид: "Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст...?" (Ҳас. 3:1). Ҳавво роҳ дод, ки ин шубҳаҳо дар вай сокин шаванд, ва ҳамин тавр гуноҳ пайдо шуд. Ва фириста П Павлус дар Номаи 2-юм ба Қӯринтиён 11:3 дар назар дошт, ки ақли Ҳавво халал ёфт.

Принсипи масеҳӣ дар 2Қӯринтиё 10:4,5 равшан баён карда шудааст: "дасисаҳо ва ҳар баландгириро, ки бар зидди дониши Худо қиём мекунад, сарнагун месозем ва ҳар фикрро ба итоати Масеҳ асир мекунем". Масеҳ ва Каломи Ӯ сарчашмаи асосии эътиборнокӣ мебошанд. Ҳама чизро бо онҳо бояд тафтиш намуд, ва ҳама гуна назарияи инсонӣ, ки ба он мухолиф аст, бояд рад карда шавад.

Аммо боз як сабаби муносибати душманонаи инсон ба Навишта ҳаст. Сабаби ин гуноҳ аст. Як шахсе ки худро дӯсти Китоби Муқаддас меҳисобид, бо шубҳаҳо ва андешаҳои тираи худ ба воизе муроҷиат намуд. Воиз дарҳол ӯро барои ҳолати ахлоқиаш сарзаниш намуд ва қиссаи пандомезеро нақл кард.

«Боре як беимон бо телескоп ба осмон менигарист. Ҳангоме аз ӯ пурсиданд, ки чӣ мекунад, ӯ ҷавоб дод: "Худои шуморо дидан мехоҳам, аммо дар ҳеҷ ҷой намебинам!" Дар ҷавоб ба ӯ гуфтанд: Ва ҳеҷ гоҳ нахоҳед дид, чунки навишта шудааст: "Хушо покдилон, зеро онҳо Худоро хоҳанд дид"! Ва ин дар ҳақиқат ҳамин тавр аст, аз ҳоло то ба абад».

Одамон Китоби Муқаддасро ором намегузоранд, чунки он онҳоро ором намегузорад. Он гуноҳҳо ва норостиҳои онҳоро фош мекунад, ҳалокати ҳамаи онҳоеро, ки бо роҳи бадкирдорӣ мераванд, пешгӯӣ менамояд. Одамони нек набояд ин китоби хубро рад кунанд, одамони бад бошанд албатта онро бад мебинанд, чунки он онҳоро фош мекунад (Юҳ. 3:20,21). Албатта, дигар сабабҳои Китоби китобҳоро қабул накардани одам низ ҳастанд, аммо аз афташ, ин ду сабаб бештар типӣ мебошанд.

## “Аммо Каломи Ман гузарон нест”

Ҳатто агар осмон ва замин аз байн раванд, Каломи Худо ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад. Он Китоби Осмонҳо мешавад, чуноне ки замоне Китоби замин буд. Ҳар қадар ба он шубҳа кунанд, ҳар қадар онро бад бинанд, ҳар қадар онро рад кунанд, ҳар қадар онро нобуд кунанд, он “чун харсанг дар байни тӯфонҳои замона” зинда хоҳад буд. Ҳамаи онҳое ки ба он бовар намекунанд ё беқадр меҳисобанд, инро барои ҳалокати худ мекунанд. Аз тарафи дигар, ҳеҷ кас аз онҳое ки пурра ба он бова̄ри кардааст, аз имони худ хиҷил нашудааст. Хуб гуфта шудааст: «Ҳангоме ки модернистҳо ва мунаққидон оиди ақидаҳои худ аз ҳамдигар баландтар дод заданро сар мекунанд, шасту шаш китоби Библия бархоста, бо як овоз нидо мекунанд: “Ҷанобон, беҳуда ба якдигар зарар нарасонед, мо ҳама дар ҳамин ҷоем”». “Биёед шод мешавем, ки фариштае ки дар Миср зоҳир шуд, дар ҳар садсолаи таърихи масеҳият як ҳақиқати бузургро эълон менамуд: “Касоне ки ҷони Навзодро меҷустанд, мурданд”.

*Ҳангоме ба ҳамаи саволҳо ҷавоб медиҳед, илтимос, қисми Ҷавоби шахсии ман”-ро пур кунед.*

*Ҳангоме ба саволҳои ҳамаи 12 дарс ҷавоб медиҳед, илтимос, дафтари имтиҳониро бо ҷавобҳоятон ба нишонии зикршуда фиристед.*